ҲАБИБУЛЛОҲИ КАЛАКОНӢ – БАЧАИ САҚО КИСТ? с.8
ПРЕЗИДЕНТ ДАР ХОВАЛИНГ АЗ ЧӢ НИГАРОНӢ КАРД? с.2
КОНИБОДОМ. НАВИСАНДАИ САРИ САРБОЗОН ПАЙДО ШУД с.10

ТОҶИКИСТОН


№25 (1536)
21.06.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! ~



АЗ МУҲОҶИРАТ ТО ТИҶОРАТ

Тасмими пайвастан ба ИИАО-ро Тоҷикистон мегирад, на Русия





ДАР ИН ШУМОРА:

МУШКИЛОТ
Беобӣ дар Зафаробод. Масъулин куҷо менигаранд!? с.4

ПОЙТАХТ
Ташналабонем. Ҷойи оббозӣ надорем! с.5

ҲАСАНИ АРОБАКАШ
Аробаи ӯ дар Хуҷанд пайдо шуд? с.6

ПАНҶАКЕНТ
Наус – кашфиёти камназир дар Осиёи Марказӣ с.7

ФОҶЕА
Муҳоҷири тоҷикро дар Амрико куштанд с.10

РОҲҲО БА ПАРИЖ
Бонки миллӣ онро тариқи Вена меҷӯяд с.11

КАНЗИ ШИФО
Гастрит аз куҷо пайдо мешавад? с.12

ВАРЗИШ
Дастоварди аз Қазоқистон ва умед ба Манголия с.15

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси “Сандуқи хайрияи Тоҷикистон”, академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11



ПРЕЗИДЕНТ ДАР ХОВАЛИНГ

20-УМИ ИЮН ПРЕЗИДЕНТИ КИШВАР ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ЗИМНИ САФАРИ ХЕШ БА НОҲИЯИ ХОВАЛИНГ ЧАНДИН ИНШООТРО МАВРИДИ ИСТИФОДА ҚАРОР ДОД. ҲАМЧУНИН, САРВАРИ КИШВАР АЗ НАМОИШИ МАҲСУЛОТ ВА ТЕХНИКАИ КИШОВАРЗӢ ДАР НОҲИЯИ ХОВАЛИНГ ДИДАН КАРД ВА БО ФАЪОЛОН МУЛОҚОТ НАМУД.

Коргоҳи мевахушккунӣ ва қаннодӣ

Коргоҳҳои мевахушккунӣ ва қаннодии ҶДММ «Оби Ховалинг» имкон дорад, ки тамоми намуди мевагиро коркарду хушк намуда, дар доираи талаботи байналмилалӣ бастубанд намояд.

Маҳсулоти ниҳоии он бо тамғаи «Меваҳои Ховалинг» омода гашта, ба бозорҳо пешниҳод карда мешавад. Дар як шабонарӯз корхонаи номбурда тавон дорад, ки то 4 тонна маҳсулотро коркард ва барои фурӯш омода созад. Бино ба иттилои расмӣ, коргоҳҳои саноатии ҷамъият ба истеҳсоли обҳои ташнагишикан, маҳсулоти қаннодӣ, макарон, меваҳои хушк, бандубасти асал ва гиёҳҳои шифобахш машғул буда, нақши онҳо дар таъмини бозорҳои ноҳия ва минтақа бо ин номгӯи маҳсулот назаррас мебошад.

Намунаи ибрат

Ҳамчунин, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар заминҳои корами МД “Хоҷагии ҷангали ба номи Саидаҳмад Карим”-и ноҳияи Ховалинг бо нашъунамои картошка шинос шуд. Масоҳати кишти картошка 3 гектарро ташкил медиҳад. Нашъунамои ниҳоли зироати навъи “Гала” ба иқлими минтақа мутобиқ ва хуб мебошад. Аз рӯйи ҳисоби пешакии мутахассисони соҳа ҳосили интизорӣ аз майдони картошказор 400 - 450 сентнерро ташкил хоҳад дод.

Осорхонаи таърихии ноҳия

Дар идомаи сафари корӣ ба ноҳияи Ховалинг бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бинои Осорхонаи таърихӣ - кишваршиносӣ мавриди бахрабардорӣ қарор гирифт. Осорхона шуъбаҳои асри санг, асри биринҷ, асрҳои миёна, шаҳри Мунки бостонӣ ва дигар даврaҳои таърихиро дар бар гирифтааст. Дар Осорхона зиёда аз 4 ҳазор нигораи таърихӣ ҷамъоварӣ гардидааст.

Комиссариати ҳарбӣ

Бинои комиссариати ҳарбии ноҳия, ки бо ҳузури Президент ба истифода дода шуд, хуштарҳ замонавӣ буда, аз таҳхона ва ду ошёна иборат мебошад. Фармоишгари иншооти мазкур Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои кору хизмати афсарон ва умуман фаъолияти ҳамарӯзаи ҳайати шахсӣ шароити мусоиди корӣ муҳайё карда шудааст. Дар дохили бино нуқтаи навбатдории фаврӣ, толор барои доир намудани ҷамъомаду ҷаласаҳои гуногун, ҳуҷраҳои корӣ барои хизматчиёни ҳарбиву кормандон ва дигар ҳуҷраҳои маишӣ мавҷуд буда, иншоот бо тамоми таҷҳизоту дастгоҳи зарурӣ мучаҳҳаз гардонида шудааст.

Маркази ташхисию табобатӣ

Маркази ташхисию табобатӣ дар назди Муассисаи ғайридавлатии таълимии “Коллеҷи тиббӣ”-и ноҳия низ бо иштироки Сарвари давлат ба истифода дода шуд.

Иншоот, ки аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Абдулло Ҳасанов сохта шудааст, дорои 11 ҳуҷра, аз ҷумла бемориҳои занона, табобати дандон, озмоишгоҳ, асабшинос, ҳуҷраи хатна, физиотерапия, ташхиси функсионалӣ, безараргардонӣ ва гӯшаи гиёҳдармонӣ мебошад. Ҳайати омӯзгорони доимӣ 45 ва муваққатӣ 22 нафарро ташкил медиҳанд. Ҳамчунин дар маркази барои қабули беморон 10 кати хоб мавҷуд аст.

Дастури Президент

Ҳамчунин, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни сафар ба ноҳияи Ховалинг ва иштирок дар семинар-машварат аз сатҳи занбӯриасалпарварӣ дар Хатлон изҳори норизоӣ кард. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон гуфт, ки барои занбӯриасалпарварӣ дар кишвар барномаҳои махсус омода ва роҳандозӣ шудааст, вале нишондиҳандаҳо қонеъкунанда нестанд. Президент зимни машварат бо занбӯриасалпарварон гуфт, мавҷудияти чашмаву рӯдхои кухӣ, майдони зиёди дарахту растаниҳои шифобахш даст дод, ки оилаҳои занбӯри асал ба 600 ҳазор ва истеҳсоли асал то 14 ҳазор тонна дар як сол расонида шавад.

Инчунин, маҳсулоти дигари соҳа, аз чумла мум, гарди гул, шири модарзанбӯр, ширеш ва заҳри занбӯр, ки дар саноати дорусозӣ ва тиби муосир васеъ истифода мегардад, бояд истеҳсол ва маҳсулоти соҳа ба хориҷи кишвар содирот карда шавад.

САРИ САБЗ



Қоҳир РАСУЛЗОДА,
Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон

- Дар гардиши савдои хориҷии кишвар дар соли 2022 ҳиссаи савдо бо кишварҳои узви ИИАО 42 фоизро ташкил дод. Гузашта аз ин, мо омода ҳастем, ки минбаъд содироти маҳсулоти кишоварзӣ, пахта, металлҳои ранга ва нодирро ба кишварҳои ИИАО зиёд кунем.

- Гардиши савдо барои рушди кишвар хуб аст, аммо хоҳиш, талаботи дохилӣ низ хусусан ба маҳсулоти кишоварзӣ бояд ба назар гирифта шавад. Моҷарои пиёзро ҳамаамон дар ёд дорем.



Акмал ҚОДИРОВ,
устоди дараҷаи байналмилалии варзиш

- Барои бо варзиши дастхобонӣ машғул шудан тамрингоҳи васеъ ё таҷҳизоти варзишии зиёд лозим нест. Як мизи варзишӣ барои дастхобон кофӣ аст. Айни замон ду шогирди мо дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ ширкат варзида, сазовори мақомҳои намоён гардидаанд.

- Ана, дидед, бобо, агар тамрингоҳи васеъ ва таҷҳизоти зиёди варзишӣ медоштед, ба ҷойи ду нафар даҳҳо шогирдонатон соҳиби мақомҳои намоён мегаштанд.



Каримҷон ШУКӮҲӢ,
фарзанди шоири машҳур Аминҷон Шукӯҳӣ

- Пас аз як соли марги падарам мо аз сабаби он ки шароити хуби нигоҳдории дастхату нигоштаҳояшро надоштем, ҳама бойгониашро ба Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти тоҷик супоридем. Аммо дар он ҷо бойгонии Аминҷон Шукӯҳӣ “сӯхт”.

- Дурусттар таҳаффус кунед, шояд насӯхта бошад. Шояд ягон номзади илм ва ё муҳаққиқ дастхатҳои падаратонро барои таҳқиқ бурда бошаду баъдан баргардонад.

АЗ МУҲОҶИРАТ ТО ТИҶОРАТ

Тасмими пайвастан ба ИИАО-ро Тоҷикистон мегирад, на Русия

Рӯзи 19-уми июн як ҳайати ҳукумати Русия таҳти роҳбарии муовини сарвазири ин кишвар Марат Хуснуллин ба Тоҷикистон омад. Дар доираи сафари мазкур ин ҳайат бо Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, раиси ММ МО ҶТ, раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ва сарвазири ҷумҳурӣ Қоҳир Расулзода дидору мулоқот намуд. Робитаи иқтисодии Тоҷикистону Русия дар меҳвари гуфтугӯйи ҷонибҳо қарор дошт.

Душанбе дигар шудааст

Дар рӯзи аввали сафар Марат Хуснуллин бо раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ба саёҳати пойтахт баромада, аз шукуфоиҳои он дидан карданд.

"Ману Рустами Эмомалӣ шаҳрро бо мошин давр зада, аз назар гузаронидем ва дар рушди Душанбе дигаргуниҳои хеле бузурги мусбатро дидам. Мебинам, ки шаҳр чӣ гуна рушд мекунад, сохтмонҳо идома доранд. Роҳҳо, боғҳо, пиёдагардҳо - ҳама олӣ ҳастанд",- таъкид кард ӯ.





Дидор бо президент

Мулоқоти Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо муовини Раиси Ҳукумати Русия, ҳамраиси Комиссияи муштараки байниҳукуматии Тоҷикистону Русия дар умури ҳамкориҳои иқтисодӣ Марат Хуснуллин дар Қасри миллат сурат гирифт.

Дафтари матбуоти Президенти Тоҷикистон менависад: "Дар ҷараёни мулоқот тарафҳо ҳолати кунуниву дурнамои муносибатҳои шарикии стратегӣ ва ҳампаймонии Тоҷикистону Русияро мавриди баррасӣ қарор доданд".

Ҳамчунин, ба иттилои манбаъ, ҷонибҳо зимни мулоқот маҷмӯи васеи масоили муносибатҳои Тоҷикистону Русияро дар самтҳои мухталифи иқтисоду тиҷорат, бахусус дар соҳаҳои саноат, аз ҷумла саноати сабук, хӯрокворӣ, ҳамзамон энергетика, комплекси агросаноатӣ, ҳамкориҳои байниминтақавӣ ва сайёҳӣ муҳокима карданд.

Ба иттилои манбаъ, тарафҳо ба масъалаҳои ҳамкориҳо дар соҳаи муҳоҷират, аз ҷумла ба таҳвияти ҳимояи ҳуқуқиву иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ, ҳифз ва тавсеаи фазои умумии маънавию фарҳангии мардумони ҳарду кишвар таваҷҷуҳи хос зоҳир карданд.

Таъкиди Сарвари кишвари мо дар мавриди муҳоҷирон дар ҳолест, ки моҳи гузашта дар Русия садҳо муҳоҷири тоҷик беасос таъқиб ва боздошт шуданд. "Муҳоҷиршикор" пас аз сафари вазири корҳои хориҷии Русия Сергей Лавров ба Тоҷикистон андаке хомӯш шуд...

Бунёди Маркази "Сириус"

Марат Хуснуллин масъалаи таъсиси монанд ба Маркази таълимии русии "Сириус" дар Тоҷикистонро баррасӣ дорад. Ӯ дар ин бора ба суоли хабаргузории "ТАСС" хабар дод.

"Мо мехоҳем, ки монанди "Сириус", шакли васеъи мактаб ва унсурҳои Сириусро созем",- гуфт Хуснуллин.

Вай зикр кард, ки ин масъаларо бо сарвазири Тоҷикистон Қоҳир Расулзода баррасӣ кардааст. Ҳамчунин, дар ин бора зимни мулоқот бо Президенти Тоҷикистон низ пешниҳод намудааст.

Маркази таълимии "Сириус" аз ҷониби Фонди таълимии истеъдод ва муваффақият дар заминаи инфрасохтори олимпӣ бо ташаббуси президенти Русия Владимир Путин таъсис дода шудааст.

Бунёди мазкур 24-уми декабри соли 2014 аз ҷониби чеҳраҳои барҷастаи илм, варзиш ва ҳунари Русия таъсис ёфтааст. Мақсад аз таъсиси ин марказ барвақт ошкор кардан, рушд додан ва дастгирии кӯдакони лаёқатманд аст, ки дар соҳаи санъат, варзиш, табиатшиносӣ қобилиятҳои барҷаста нишон дода, инчунин дар эҷодиёти техникӣ комёбиҳо ба даст овардаанд.

300 ширкати русӣ дар бозори Тоҷикистон

Муовини сарвазири Русия Марат Хуснуллин мегӯяд, ки мубодилоти мол миёни Русия ва Тоҷикистон дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ 13% афзуда, тамоюли устувори болоравиро дорад. Ҳаҷми сармоягузории ҷамъшудаи Русия ба иқтисоди Тоҷикистон 130 млрд рублро ташкил додааст. Ӯ ин нуктаро дар мулоқот бо Сарвазири Тоҷикистон Қоҳир Расулзода изҳор дошт. Ба гуфтаи ӯ, дар бозори ҷумҳурӣ беш аз 300 ширкат бо корхонаҳои Русия фаъолият мекунанд.

"Мо аз таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, илмию техникӣ ва фарҳангию гуманитарӣ самимона манфиатдорем",- таъкид кард муовини сарвазир.

Зимнан, сарвазири Тоҷикистон Қоҳир Расулзода қайд кард, ки самтҳои афзалиятноки рушди ҳамкориҳои иқтисодии ду кишвар тиҷорат, саноат, энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ ва маориф мебошанд.

Тасмими Тоҷикистон

Коршиносон муътақиданд, ки сафари пайвастаи мақомдорони рус, аз ҷумла сарони блоки иқтисодии Русия ба Тоҷикистон водор кардани кишвари мо барои пайвастан ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё аст. Вале муовини сарвазири Русия Алексай Аверчук ин ҳадсро рад кард. "Москва то ҳол барои пайвастани Тоҷикистон ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё паёме нагирифтааст",- гуфт ӯ зимни суҳбат ба РИА "Новости".

Ба гуфти Оверчук, Русия Тоҷикистонро барои пайвастан ба ИИАО маҷбур карда наметавонад. "Москва ба шарикони худ бартариятҳои Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиёро нишон медиҳад. Вале тасмими ниҳоиро бояд худи Тоҷикистон бигирад",- гуфт ӯ.

Ба ҳар навъ, дар пасманзари муносибати сарди кишварҳои Ғарб бо Русия Кремл муносибати иқтисодиро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла бо Тоҷикистон бехтар карданист. Сафарҳои пайвастаи ахири ҳайатҳои ду кишвар далели ин аст.

Мо ҳам омори муҳимтарин пружаҳои ҳамкории Русияву Тоҷикистонро ба шумо пешниҳод мекунем.

О. СОҲИБЗОДА

ТОҶИКИСТОНУ РУСИЯ

Ҳамкории иқтисодиву тиҷоратии ду кишвар дар рақамҳо



>$32 млрд

Муҳоҷирон аз Русия ба Тоҷикистон дар даҳ соли охир ирсол кардаанд

>470 ҳаз.

Тоҷикистониён дар 10 соли охир шиносномаи Русия гирифтаанд

Муҳимтарин лоиҳаҳои гуманитарии Русия дар Тоҷикистон беш аз $250 млн аз соли 2019 то 2023

$150 млн

Сохтмони 5 мактаб дар Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб

$80 млн

Барномаи озуқаи мактабӣ барои кӯдакон

$21 млн

Роҳандозии лоиҳаи минтақавӣ барои мубориза бо ВМН\ВНМО

$9 млн

Лоиҳа барои ғайрифаъолкунии полигони урани "Табошар"

$2 млн

Лоиҳа барои рушди малакаи касбии ҷавонон ва эҷод кардани 350 ҷойи кор барои онҳо

$2 млн

Лоиҳа барои рушди иқтисодиву иҷтимоии водии Фарғона пас аз пандемия

$1,9 млн

Муҷаҳҳаз кардани тамрингоҳи КҲФ Тоҷикистон барои омода намудани мутахассисон дар робита ба бартараф кардани ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ

$1,8 млн

Кумак ба 175 хоҷагии фермерӣ дар Хатлону Рашт дар солҳои 2021-2022

$1,2 млн

Лоиҳаи муштарак бо ЮНИДО оид ба омӯзиши тарроҳон ва истеҳсолгарон барои рушди саноати нассоҷӣ дар Тоҷикистон

Манбаъ: ВУД ФР, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ, Бонки марказии Русия, Кумитаи омори ҶТ, Сафорати ФР дар ҶТ, манобеи боз

SPUTNIK



ОБ ДАР ХОБ

Агар он набошад, ба зангир духтар намедиҳанд?

РӮЗИ ЯКШАНБЕ. ГАРЧАНДЕ РӮЗИ ИСТИРОҲАТ АСТ, МАҶБУР МЕШАВАМ АЗ ҲАВЛӢ БЕРУН РАВАМ. МЕХОҲАМ РӮЙХАТИ ДАР ЧОРРОҲАИ ДЕҲА НАСБШУДАРО АЗ НАЗАР ГУЗАРОНАМУ ФАҲМАМ, КИ НАВБАТИ ОБ КАЙ БОШАД...

Дар чорроҳа моҷарост. Чанд нафар бо нишони эътироз ба сӯйи ҳамдигар дастак задаву суханҳои пасту баланд радду бадал мекунанд. Миёнашон пиру кампире, ки мардум онҳоро ҳамчун “оилаи баҳсоро” мешиносанд, “ситора” менамоянд.

- Ҳамин хел сустӣ кардан гир, навбати обатро ҳам кашида мегиранд!,- муроҷиат мекунад кампир ба пир.

Пир бомулоҳиза, ором-ором механдад ва мегӯяд:

- Вазнин шав, кампир, вазнин шав! Санги вазнинро об намебарад. Кам бошаду беғам бошад. Худоро шукр гӯ, ки мисли чанд соли пеш барои об мӯйканиву рӯйканӣ, ҳатто “белҷанг” намешавад.

- Иии, ман мурам, о, ту барин тарсончакҳо барои оби худашон талош накунанд, аз куҷо “белҷанг” шавад!?,- паст намеояд кампир.

Пир ҳамоно бепарво ва хирадмандона сухан мегӯяд:

- Шукр кардан даркор, ношукрӣ мезанад! Бубин, дар шаҳри Кокшетауи Қазоқистон беш аз ду ҳазор нафар ҳафтаҳо боз беобанд. Шабакаи 31-уми Қазоқистон хабар дод, ки ҳоло об тамоман вуҷуд надорад. Тахмин меравад, ки сабаби беобӣ фаъолияти корхонаҳои саноатии ҳамсоя аст. Шаштои онҳо дар наздикии ҳамин минтақа ҷойгир будаанд. Директори шабакаи обу корези «Кокшетау су Арнаси» Юрий Шенгалтс мардумро бовар кунонидааст, ки дархости сокинон дар бораи гузаронидани шохаи алоҳидаи қубури об барои корхонаҳо дида баромада мешавад. Барои ҳамин, сокинон бояд дар назди лӯлаҳо нишаставу омадани обро мунтазир шаванд.

- Эххх, мӯсафеди содда-е! О, онҳо ку шашто корхона доштаанд, яъне мушкилияшон узрпазир аст. Аммо дар деҳаи мо ё наздикиҳоямон ягон корхона ҳаст? Не! Пас, агар ба гапи ту кунем, то вақти аз беобӣ мисли гӯши харгӯши “Барашка” хам шудани буттаҳои картошкаамон дар назди ҷӯйбор омадани обро интизор шуда мешинем!,- паст намеояд кампир ва сардтар нештар мезанад:

- Боз Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждани ҳушдор додааст, ки бо сабаби аз 42 дараҷа боло рафтани ҳарорати ҳаво шаҳрвандон бояд бештар об нӯшанд ва сабзавоту меваҷот бихӯранд. Э, балотона гирам, шумо барин мутахассисҳоро! О, ҳамон об набошад, сабзавоту меваҷот аз куҷо месабзаду бор меорад, ки мо бихӯрем!?

- Аз ҳад нагузарон кампир, аз худ нарав! Чӣ хел об набудааст, ки каму ғам не, дар зарфи шаш моҳ зиёда аз 50 нафар дар қӯлу дарёҳои кишвар ғарқ шудаанд. Бечора Кумитаи ҳолатҳои фавқулода чӣ кор кунад? Масъул нест, ки то дари даҳони ту об гузаронад! Кумита ғами қӯлу дарёҳо ва оббозии шаҳрвандонро хӯрад ё дар фикри ту бошад!?,- ба ғазаб меояд пири то ин дам орому бомулоҳиза.

Ин дам кампир андаке ором мешавад, аз ҷомаи ҷаҳл берун меояд ва бо мулоиматӣ мегӯяд:

- Бубахш, мӯсафед! Ман ҳам, дилам дард мекунад. Охир, наход ҳамин қадар захираи бойи об дошта бошему натавонем онро манфиатнок истифода барем!? Барои чӣ бештар хатҳои оби нӯшокиву зироаткориро фаъол намекунему ба хонаҳоямон ба қадри кофӣ об намекашонем? То кай набераҳоямон дар тағораҳо оббозӣ кунанду набераҳои дигарон дар қӯлу дарёҳо ғарқ шаванд!? Магар илоҷи мувозинат, яъне баробарҳуқуқии қӯдакони шаҳриву деҳотиро таъмин кардан имкон надорад? Оё соҳибкоре ёфт намешавад, ки созмони қӯлҳои шиновариро барои қӯдакон дар деҳот ба уҳда гирад?

...

Ҳанӯз пир ёрои сухан гуфтан накардааст, ки кампир бо ишора ба ҷӯйбори хушку холиву беоб илова мекунад:

- Ё дар ҳамин мавзеъ насби таблои “Оббозӣ кардан манъ аст!” мувофиқи матлаб аст?

Пир ҳам лаҳзае ба фикр фурӯ меравад ва андешаманд мегӯяд:

- Воқеан, кампир, навбати об аз кист, ки ҷӯйбор хушк аст?

Кампир ба рӯйхати дар дарахти ар-ар насбшуда дида медӯзад ва садо дармедиҳад:

- Мо ва Фазлиддин.

- Кадом Фазлиддин?,- савол медиҳад пир.

Ҳанӯз кампир посух надода, ман ба гап медароям:

- Ман.

- Ту ки бошӣ, даррав ба саргаҳи об рав! Ман дар ин синну сол қуввати миробӣ надорам дигар,- супориш медиҳад пир.

Ба саргаҳи об равон мешавам. Вақте мерасам, мебинам, ки марди ношиносе аз ҳамсоядеҳ тамоми обро ба ҷӯйбори деҳаи худашон сар додаву болои санге нишаста, суруд замзама дорад.

“Сифати одамӣ” гуфта, аввал салом медиҳам ва мулоим мегӯям:

- Ако, навбати оби мост, монед камтар тарафи мо ҳам равад!

- Об нест! Ба худамон ҳам намерасад!,- бо хашм нидо мекунад.

- Хоҳиш, ака, илтимос! Боз нашавад, ки таҷрибаи мардуми ноҳияи Восеъ дар мо ҳам такрор ёбад!? Ҳоло кор ба ҷое расидааст, ки дар деҳаи Хоҷа Муъмини ноҳияи Восеъ, агар об намедоштай, барои зангирӣ духтар намедодаанд...

...

- Ако, ман зангирам! Агар об надошта бошам, духтар намедиҳанд. Мефаҳмӣ, акооо..., ман зангирам!

- Эҳеееее, ҳо мардаки зангир, ку хез аз ҷоят! Зуд хез, оби никоҳ баъд! Картошкаат сӯхта, хокистар шуда истодаасту дар фикри зан ва ҳосили дувум ҳастӣ-а!?

Чашмонамро сахт-сахт мемолам. Аранг-аранг чеҳраи ҳамсарам намудор мегардад. Ӯ бо лаби хандон аз наздам дур мешавад ва ман шарм медораму худ ба худ, нармак табассум мекунам.

Баъди ин хоби ғалатӣ меандешам, ки шояд таъбири экстрасенс Холиқназар Ҷумъазода аз хоби банда ҳам ҷолибтар барояд.

Фазлиддин АСОЗОДА

БЕОБӢ ДАР ЗАФАРОБОД

Деҳқонон умедашонро кандаанд ё мақомот

Деҳқononи ноҳияи Зафаробод аз норасоии шадиди об шикоят мекунанд. Аз беобӣ садҳо гектар зироат, аз ҷумла даҳҳо гектар пахтазорон дар ҳудуди ноҳия хушк шуда, деҳқонон умедашонро аз гирифтани ҳосил кандаанд.

Саидмирзо Шамсиддинов, сокини ноҳияи Зафаробод мегӯяд, ки деҳқонон бо душворӣ ва умеди зиёд заминро шудгор карда, нуриҳо доданд, вале ҳамааш беҳуда шуд, зеро ҳосил аз беобӣ нобуд шуд. “Бисёре аз деҳқонон аз бонкҳо қарз гирифтаанд ва умеди ягонаашон аз ҳосили замин буд, вале аз сабаби беобӣ ҳама умедашонро канда, чӣ кор карданашонро намедоданд”,- мегӯяд ин ҳамсуҳбати мо.

Деҳқони дигар Файзулло Бахтиёров дар 9 гектар замин ҷав, гандум ва пахта кошт. "Вақте ки ғаллаю пахта сабзид, об набуд, борон дуруст наборид ва замини корам хушк шуд",- мегӯяд деҳқон.

Деҳқononи ҷамоати Равшан мегӯянд, ки заминҳои онҳо тавассути пойгоҳҳои обкашии "Мирзочӯл 1 ва 2" обёрӣ карда мешаванд, аммо дар соли 2023 онҳо дар вақташ дуруст ба кор андохта нашудаанд.

Аминҷон Абдуллозода, сардори Раёсати мелиоратсия ва обёрии вилояти Суғд бошад, мегӯяд, ки пойгоҳҳои обкашӣ дар ноҳияи Зафаробод дар солҳои 1960-уми даврони шӯравӣ сохта шуда, куҳна шудаанд. “Таъмиру барқарорсозии муҳаррики онҳо вақти зиёдро талаб мекунад ва сабаби дер расидани об ба ҷамоати Равшан ҳамин аст”,- мегӯяд номбурда.

Ба гуфти ин масъули идораи об, барои навсозии муҳаррик ва ба кор андохтани пойгоҳи обкашӣ маблағҳои зиёд лозим аст, ки аз буҷа ҷудо кардани он феълан ғайриимкон шудааст.

Ноҳияи Зафаробод яке аз ноҳияҳои пахтакори вилояти Суғд аст. Дар замони шӯравӣ истеҳсоли пахта дар ин ноҳия ба 60 ҳазор тонна расида буд. Дар соли 2022 дар Зафаробод 14 ҳазор гектар пахта кишт карда буданд, ки аз он 30,5 ҳазор тонна ҳосил гирифтанд.

Д. ҚОДИРПУР



Аз идора:

Қаблан ҳафтаномаи “Тоҷикистон” аз беобӣ дар деҳаҳои Рукнобод ва Дашти Қозии шаҳри Панҷакент навишта буд, ки боиси талафоти зироатҳо ва хушк шудани даҳҳо гектар дарахтзор гардидааст. Сабаби мушкили беобӣ дар ин деҳаҳо ҳам корношоям шудани пойгоҳи обкашист. Вале аз МИҲД-и Панҷакент ҳанӯз посух нагирифтаем, ки ин мушкил то куҷо рафъ гардид. То ҷое “Тоҷикистон” огоҳ шуд, пас аз нашри матлаб як гурӯҳ аз пойтахт бо роҳбарии академик Фарҳод Раҳимӣ ва вакили парлумон Абдуҳалим Ғаффоров барои рафъи ин мушкил ба Панҷакент рафта буданд. Вале... пойгоҳ ҳамагӣ як рӯз фаъол шуда, баъди рафтани ҳайат боз аз кор мондааст...

Ташаббус



ХОНА БАРОИ ОМӮЗГОРОН

Ба ифтихори Рӯзи ваҳдати миллӣ ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт ба 39 оилаи устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон хонаҳои истиқоматии наву замонавӣ тақдим кард.

Дар ин бора аз дастгоҳи иҷроияи Душанбешаҳр ба pressa.tj хабар доданд. Роҳбарияти Донишгоҳи миллӣ низ ин фактро тасдиқ кард. Хобгоҳи №7-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки дар кӯчаи Нахимова 64/7-и шаҳри Душанбе ҷойгир аст, баъд аз таъмири умумӣ барои 39 нафар омӯзгор ва корманди ҷавони донишгоҳ ҳамчун манзили истиқоматии хизматӣ супорида шуд.

“Дар ин миён се нафар кормандони донишгоҳ, ки фарзандони маъюб доранд, низ бо манзили зист ва таҷҳизоти муҳими рӯзгор таъмин карда шуданд”, - изҳор кард намояндаи Донишгоҳ.

Ёдовар мешавем, ки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дорои 8 хобгоҳ буда, аз ин се хобгоҳ (№1, 2 ва 7) ба омӯзгорону кормандон, яке ба аспирантон (№ 4) ва хобгоҳи №3 бошад, барои гузаронидани машғулиятҳои дарсии факултети тиббӣ пешбинӣ гардидаанд. Дар хобгоҳҳои №5, 6 ва 8 донишҷӯён зиндагӣ доранд. Як сол қабл дар хобгоҳи №1-и донишгоҳ барои 33 нафар корманду омӯзгор манзили истиқоматӣ ҷудо гардида буд.

ДМТ СОҲИБИ ТЕЛЕВИЗИОН ШУД



Бахшида ба 26-умин солгарди рӯзи Ваҳдати миллӣ санаи 17-уми июни соли 2023 бо дастгирии Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶТ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон студияи таълимии телевизионӣ ифтитоҳ шуд.

17 июни соли 2023 студияи факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо шароити замони муосир дар ҳуҷраҳои нави барҳаво ва ҷавобгӯ ба талаботи соҳа ба фаъолият оғоз намуд.

Дар ифтитоҳ ва ба истифода супоридани иншооти нав муовини Сарвазири мамлакат Матлубахон Сатториён, раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуриддин Саид, Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Хушвахтзода Қобилҷон, раиси Иттифоқи журналистон Исмоилзода Зинатулло ва роҳбарони телевизионҳои кишвар иштирок намуданд.

Дар маҷмуъ студияи таълимӣ дорои 6 ҳуҷра, аз ҷумла ҳуҷраҳо барои ҳайати эҷодӣ, кормандони техникӣ, танзими барномаҳо ва ғайра мебошад. Ҳар як ҳуҷра ба таври замонавӣ ва мутобиқ ба стандарти соҳа таъмири пурра шуда, бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз гардидааст. Дастгоҳҳои наворбардорӣ ва компютерҳо барои танзими барномаҳо бо формати баланд, ки эфири телевизион чунин аст, мутобиқат мекунанд. Ёдовар мешавем, ки қаблан Радиои факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон зери мавҷи 90.5FM бо номи Садои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар сохтори "Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон " фаъолияти худро оғоз намуда буд.

Ба таваҷҷуҳи раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ

ТАШНАЛАБОНЕМ. ҶОИ ОББОЗӢ НАДОРЕМ!

Тобистони имсола гарм омад. Ташналабон худро ба канори об мекашанд. Манзур ташнагони оббозӣ. Аммо лаби ҳавзу дарёҳо деворбанданд. Ҳатто дар лаби рӯди Варзоб болои санге нишинӣ, фарёд мекашанд:

- Пулаша те, ин санги ман аст!

Мушоҳидаҳо нишон дод, ки оббозӣ дар пойтахти Тоҷикистон машғулияти сарватмандон аст. Сокинони оддӣ ба чунин неъмат дастрасӣ надоранд... Аз раёсати варзиши Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба “Тоҷикистон”хабар доданд, ки ҳоло дар шаҳри Душанбе 10 ҳавзи шиновариӣ фаъолият мекунанд:

➔ 3 ҳавзи шиновариӣ дар Қасри шиновариӣ;

➔ 2 ҳавзи шиновариӣ дар аквапарки “Обшорон”;

➔ 2 ҳавзи шиновариӣ дар мактаби махсуси варзишии №4;

➔ 1 ҳавзи шиновариӣ дар аквапарки “Делфин”;

➔ 1 ҳавзи шиновариӣ дар “Текстил”.

Ягона ҳавзи шиноварии “Текстил”, ки ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе тобеъ аст, он ҳам барои сокинон пулакӣ хизмат мерасонад. Яъне дар шаҳри Душанбе ва атрофи он макони оббозии ройгон барои сокинон мавҷуд нест. Ҳол он ки аҳолии пойтахти кишвар шояд ба беш аз 1 млн расида бошад.

Дар тафси ҳаво натанҳо кӯдакон, балки калонсолон чун моҳии ба канори об афтода нафас мекашанд. Афсӯс, бо нархҳои миёншикан на ҳама метавонанд ба ҳавзҳо дастрасӣ пайдо кунанд.

Мо барои мисол чанд ҳавзи шинавариро боздид кардем.

➔Дар ҳавзи шиноварии меҳмонхонаи “Тоҷикистон” нархи якдафъаинаи оббозӣ барои калонсолон 100 ва барои кӯдакон 50 сомонӣ аст.



➔ Фитнес -клуб XFIT, барои калонсолон 150, хурдсолон 100 сомонӣ;

➔ Аквапарки “Делфин” барои калонсолон 95, кӯдакон 40 сомонӣ (барои 4 соат);

➔Аквапарки “Обшорон” барои калонсолон 50, барои кӯдакон 30 сомонӣ (барои 4 соат).

Биёед солҳои қаблро пеши назар меорем, ки вазъият чӣ гуна буд. Дар Душанбе кӯлҳои зиёди ройгон барои сокинони пойтахт хизмат мекарданд:

➔ Кӯли комсомол;

➔ Кӯли Варзоб;

➔2 кӯли баромадгоҳи шаҳри Душанбе ба ҷониби шимол;

➔ кӯлҳои боғи Дӯстии халқҳо;

➔ силсилакӯлҳои қисмати ҷанубии шаҳр (ҷониби Бохтар);

➔ ҳавзҳои хурди оббозӣ дар баъзе маҳаллаҳои Душанбешаҳр...

Ин ҳамаро хариданд ва пулакӣ карданд. Мардуме, ки бо маош зиндагӣ доранд, камбизоатанд, худашон ва фарзандонашон дар таътили тобистона куҷо рафтанашонро намедонанд!

➔ P.S: *Шояд ба нақшаи сохтмони маҳаллаҳо, дар баробари майдонҳои варзиш ҳавзҳои шиновариӣ барои кӯдакон ба нақша гирифта шавад? Фаромӯш набояд кард, ки собиқ замони Шӯравӣ сокинони Душанбе бародарон Лобановҳо чемпиони чандкаратаи бозиҳои олимпӣ буданд.*

Суман УБАЙДУЛЛОЗОДА

Навгонӣ

ЭЛЕКТРОТАКСӢ ДАР ДУШАНБЕ

Муовини раиси шаҳри Душанбе Фирдавс Саидзода зимни мулоқот бо ронандагони Ҷамъияти масъулияти маҳдуди “Сомон-таксӣ” хабар дод, ки то соли 2026 таксиҳои пойтахт пурра барқӣ хоҳанд шуд.

Номбурда дар мулоқот ба ду масъала дахл кард. То соли 2026 гузаштани нақлиёти кироякаши таксӣ ба нақлиёти барқӣ ва сатҳи хизматрасонӣ дар ҷамъиятҳои кироякаши таксӣ. Маълум шуд, ки феълан дар Ҷамъияти масъулияти маҳдуди “Сомон-таксӣ” 2 нақлиёти барқӣ фаъолият дорад. Баромадкунандагон аз ин омор изҳори нигаронӣ намуда, аз масъулин даъват ба амал оварданд, ки теъдоди нақлиёти барқиро дар ҷамъият марҳала ба марҳала зиёд намуда, ҳамзамон сатҳи хизматрасонии худро беҳтар намоянд.



➔ P.S: *Чанде аз ронандагони мошинҳои барқӣ изҳори нигаронӣ карданд, ки на танҳо дар Душанбе, балки дар дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ шумораи заправкаҳои барқ кам ё умуман нест. Ин боиси он гаштааст, ки шумораи харидорони ин гуна мошинҳо кам гаштааст.*

Таърих

ҲАСАНИ АРОБАКАШ

Аробаи ӯ дар Хуҷанд пайдо шуд

Яке аз гӯшаҳои таърихии шаҳри Хуҷанд Осорхонаи Анора аст. Он дар як гӯшаи шаҳри қадима ҷой гирифта, роҳбарии онро ҳомии фарҳанг Нозимҷон Усмонов ба зимма дорад.



Тайи 15 соли охир Усмонов Нозимҷон аз гирду гӯшаи диёрамон ва хориҷа ҳазорҳо нигораи таърихӣ ва осори ҳунарҳои мардумиро гирд овардааст. Тамошои дастнавису китобҳои қадима касро ба хаёлот ва дунёи пурасрори гузаштаи ниёгонамон мебарад.

Нозимҷон Усмонов осорхонаро ба номи модараш зиндаёд Анора Усмонова номгузорӣ намудааст.

Аз Осорхонаи Анора Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, фарҳангиёни кишвар, ва меҳмонони зиёди хориҷӣ дидан намуда, баҳои баланд додаанд. Албатта ин осорхона таваҷҷуҳи хосаи МИҲД-и вилояти Суғд ва мутасаддиёни фарҳангро тақозо дорад. Зеро зарур аст, ки осорхона ҳаматарафа ҳифз гардида, барои бештар ҷолиб гардидани тамошои он бино бояд васеъ гардида, чораҳои мушаххаси муҳофизатӣ дида шавад.

Дар Осорхонаи Анора назарам ба як аробаи куҳнаи нодире афтод. Аз Нозимҷон Усмонов пурсон шудам, ки ин аробаи кай пайдо шудааст?

- Ин аробаи нодиру таърихӣ мебошад. Охир, ин ҳамон аробаест, ки дар филми ҳунарии "Ҳасани аробакаш" наворбардорӣ гардидааст. Дар ин аробаи устод Турсунзода савор шудааст. Худи аробаи қадре таъмир гардида, чун ёдгорӣ аз филми "Ҳасани аробакаш" ва садову шиҳаи саманди бодпо Рахш то ҳол боқӣ мондааст,- посух дод ӯ.

Маҷид САЛИМ,
нависанда

ДОСТОНИ ЗИНДАГИИ ЗАУР ДАХТЕ

Дар бораи рӯзгор ва корномаи Заур Дахте, филмбардори шинохта ва аксбардори маъруфи тоҷик китобе бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ва ҳамчунин бо хати форсӣ таҳти номи "Устураи фарҳанг ва ҳунари тоҷик" ба чоп расид. Китоби мазкурро рӯзноманигори шинохта Суҳроби Зиё таҳия кардааст.

Адибон, ҳунаршиносону рӯзноманигорон ва дӯстону пайвандон дар навиштаҳои хеш, ки вориди маҷмӯа шудааст, ба баррасии вежагиҳои шахсият ва ҳунари тасвирбардорӣ ва аккосии Заур Дахте пардохтаанд.

Ёдовар мешавем, ки Заур Дахте яке аз чеҳраҳои шинохтаи адабу фарҳанги ду асри охир маҳсуб меёбад. Ӯ соли 1936 дар Доғистон ба дунё омада ва аз соли 1937 то соли 1951 дар Эрон зиндагӣ кардааст. Баъдан ба Тоҷикистон омада, то имрӯз дар рушди фарҳанги тоҷик саҳм мегузорад.



Нигаронӣ

ЧАРО ҒАЛАТ МЕГӮЕМ?

Имрӯзҳо истифодаи калимаву ибораҳои бегона дар забони тоҷикӣ афзоиш ёфтааст, ки ин боиси нигаронист. Ҳамчунин, бисёр истилоҳҳо дар забони мо ғалат тарҷума шудаанд.

Барои мисол, дар телевизиону радио пайваста "фисад", "хайра мақдам", "волидайн" ва ғайра мегӯянд, ҳол он ки, тарзи дурусти баёни тоҷикӣ "дар сад", "хуш омадед" ва "волидон" аст.

Ё "Министерство здравоохранение" ва " Прогноз погоды" яке "Вазорати тандурустӣ" тарҷума шудаву дигаре "Агентии обу ҳавосанҷӣ", ки ғалату ноҷо мебошанд. Яке бояд "Вазорати ҳифзи саломатӣ" ё "сиҳатии омма" бошаду дигаре "Пешгӯии боду ҳаво".

Кумитаи забон ва истилоҳот бояд сари чунин ғалатҳо чора андешад.

Э. КАМОЛЗОДА,
нафақагир

Ҳунар

ДУХТАРОНИ ФАЙЗОБОД КАСБ МЕОМӮЗАНД

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ташаббуси роҳбарияти МД "Литсейи касбии №24"-и ноҳияи Файзобод занону духтарон соҳиби касбу кор мешаванд.

Бо ин мақсад дар МТМУ №27-и деҳаи Фатҳобод ва шаҳраки 30-солагии Истиқлол курси кӯтоҳмуддати дӯзандагӣ доир шуд, ки 22 нафар духтарон онро хатм карда, соҳиби шаҳодатнома шуданд. Роҳбарии курси дӯзандагиро Зарафшон Зоҳирова ва Парвина Салимова ба зимма доштанд. Мудири бахши ҳунарҳои миллии МД "Литсейи касбии №24" Самандар Зуҳуров гуфт, ки дар ояндаи наздик боз 45 нафар духтарон ба курси омӯзишӣ фаро гирифта мешаванд.



Ҳокими САФАР,
ноҳияи Файзобод

НАТТОҚОНИ ЗАБОНИ КУРИЁӢ

Ғолибони озмун муайян гардиданд

17-уми июни соли равон дар толори фарҳангии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода озмуни наттоқон бо забони куриёӣ бо шукуҳу шаҳомати хоса доир гардид.



Даври ниҳоии озмуни мазкур бо иштироки муовини ректор оид ба таълим ва корҳои методӣ Мирзода З., муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ Каримов А., котиби Сафири Куриё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Ли Сунгу, мутахассиси Сафоратхонаи Куриё Пе Сангҳи, роҳбари Маркази забономӯзии забони куриёӣ Чой Миҳи ва роҳбари Гӯшаи Куриёи назди Китобхонаи миллии Тоҷикистон Шин Нагкюн ҷамъбаст гардид.

Бояд хотиррасон намуд, ки даври аввали озмун байни гурӯҳҳои ибтидоӣ ва болоӣ бо иштироки 30 нафар забономӯз санаи 12.06.2023 гузашта буд ва ба даври ниманиҳоии озмун аз гурӯҳҳои ибтидоӣ ва болоӣ 12 нафар роҳхат гирифтанд. Аз байни 12 нафари иштирокдошта 3 нафар аз гурӯҳи ибтидоӣ ва 3 нафар аз гурӯҳи болоӣ ғолиби озмун дониста шуданд.

ҒОЛИБОНИ ГУРӮҲИ ИБТИДОӢ:
Ҷойи якум:
Бозорзода Мунаввара
Ҷойи дуюм:
Искандарова Мехрона
Ҷойи сеюм:
Амирова Мафтуна

ҒОЛИБОНИ ГУРӮҲИ БОЛОӢ:
Ҷойи якум:
Ҳусейнова Маҳина
Ҷойи дуюм:
Ҷумаева Сумая
Ҷойи сеюм:
Соҳибова Гулрӯ



Дар фарҷом дорандагони ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм бо ифтихорнома ва мукофот сарафроз карда шуданд. Ғолибони ҷойҳои чорум, панҷум ва шашум низ бо ифтихорнома ва туҳфаҳо мукофотонида шуданд.

Ҳадаф аз баргузории озмуни мазкур баланд бардоштани сатҳи забондонӣ, маҳорат ва нотиқии донишҷӯёну забономӯзон мебошад.

Ёдрас мешавем, ки озмуни натоққон таҳти сарпарастии "King Sejong Institute Foundation" ва "King Sejong Institute Dushanbe1" баргузор гардида, ба ғолибон аз ҷониби ин ташкилотҳо туҳфаҳои хотиравӣ тақдим гардид.

Аз гурӯҳи болоӣ ҷойи якум насиби донишҷӯи бахши сеюми факултети забонҳои Осиёи ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода Маҳина Ҳусейнова гардид. Сабти навори Маҳина ба Ҷумҳурии Куриё фиристода мешавад. Дар ҳолати аз тарафи ҳакамони ҷониби дигар қобили қабул донистан, ӯ ба даври ниҳоӣ, ки моҳи сентябр дар Ҷумҳурии Куриё гузаронида мешавад, раҳсипор мегардад.

Бахтовар САФАРОВ







КАШФИЁТИ НОДИР ДАР ПАНҶАКЕНТ

Гӯрхона (наус)-и Фароб - ёдгории камназир дар Осиёи Марказӣ

Дар наздикии деҳаи Олимободи ҷамоати деҳоти Фароби шаҳри Панҷакент як гӯрхонае пайдо шуд, ки аз нигоҳи илми бостоншиносӣ дар Осиёи Марказӣ камназир аст.

Мо дар бораи урфу одат ё худ маросими дафни тоисломии Суғди бостон то ҳадди имкон ба туфайли кашфиётҳои беназири нимаи дуюми асри 20 огоҳӣ дорем. Бахусус оини зардуштӣ, ки пас аз марг ҷасадҳо, аниқтараш устухонҳои марҳумро ба хок не, балки ба устухондонҳои махсус гузошта, онҳоро ба иншоот ё худ ҳуҷраҳои алоҳида ҷой медоданд. Чунин ҳуҷраҳоро дар илми бостоншиносӣ наусҳо ва ё ба ибораи оммафаҳм гӯрхонаҳо меномиданд, ки дар дохили онҳо устухонҳои якчанд фавтидагон ҷой дода мешудаанд. Кашфиёте, ки дар ибтидои моҳи ҷорӣ ба вуқуъ пайваст, аз муҳимтарин далоили маросими дафни сокинони куҳистони Суғди бостон ба шумор меравад.

Бояд хотирнишон намуд, ки дар натиҷаи фурӯ рафтани қитъаи хурди замин дар деҳоти Фароби шаҳри Панҷакент як наус (гӯрхона) кушода шудааст. Дар ин хусус ба ходими калони илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, н.и.т. Қурбонов Ш. Ф. сокинони деҳаи Фароб ва Олимобод - Авлиёқулов Ҳасанбой ва Фармонов Азизулло санаи 3-юми июни соли 2023 хабар доданд. Баъдан бо дастури роҳбарияти Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва мусоидати Шуъбаи ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бостоншиносон Шароф Қурбонов ва Абдураҳмон Пӯлотов аз ёдгории мазкур дидан намуданд.

Гӯрхонаи кашфшуда дар қисмати ҷанубии мазори Эшони Зарробӣ, қисмати ғарбии сойи Ошхона, қисмати ҷанубии деҳаи Олимобод (маҳаллаи Қаротегин)-и ҷамоати деҳоти Фароби шаҳри Панҷакент ҷойгир буда, атрофи онро қабристони замони нав иҳота кардааст. Аммо ёдгории кашфшуда таърихи қадимтар дорад. Водии Фороб, тақрибан дар баландии 1500-2100 метр аз сатҳи баҳр воқеъ буда, он дар қисми болооби водии Қашқадарё ё худ Кешрӯд (дар ҳудуди Тоҷикистон) ҷойгир аст. Масофа аз деҳа то маркази вилоят (Панҷакент) 80 километр аст. Дарёи асосии Қашқадарё аз омезиши рӯдҳои Обихундӣ ва Хоҷа Мансур, ки аз доманаҳои қаторкуҳҳо ба поён ҷорӣ мешаванд, ташкил меёбад.

Ба бостоншиносон муяссар шуд, ки дар натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ гӯрхонаи мазкурро то ҳадди имкон таҳқиқ намуда, маълумотҳои аввалияро ба даст оранд. Ин наус ё гӯрхона дар зери зардхок кофта шуда, шакли ҳуҷраи равоқпӯшро дорад. Дар дохили он тоқчаҳо мавҷуд мебошанд, ки дар замони истифодаи он чунин тоқчаҳо барои гузоштани устухондонҳои сафолин пешбинӣ карда шуда буданд. Қисми зиёди чунин тоқчаҳо дар натиҷаи намнокии зиёд ва фурӯ рафтани қитъаи замин хароб шудаанд.

Дар натиҷаи ҷамъоварии сафолпораҳо ва таҳлили онҳо, гуфтан мумкин аст, ки шояд ин наус ба асрҳои 1-4-и милодӣ рост меояд. Зеро чунин шакли устухондонҳо дар Суғди асримиёнагӣ камназиранд. Аммо таҳқиқот дар ин самт идома дорад ва бостоншиносон бо нашр намудани як мақолаи илмӣ метавонанд ба ҳамкасбони худ, ки бевосита машғули таърихи фарҳанги моддии замони антиқа ҳастанд, иттилои илмии аввалияро пешниҳод намоянд. Зеро асрори нуҳуфтаи ин ёдгорӣ ба таҳқиқоти амиқи бостоншиносӣ ниёз дошта, моро водор месозад, ки нисбати ҳаргуна хулосаҳои пешакӣ эҳтиёкор бошем.

Таҳқиқот дар ин самт идома дошта, хулосаҳои ниҳоии мутахассисин пас аз анҷоми пурраи таҳлилҳо бо чузъиёт пешкаши олами илм мегардад. Шояд таҳқиқи ҳамаҷонибаи ин ёдгорӣ ба бисёре аз масоили таърихи фарҳанги ин минтақаи кӯҳистон равшанӣ андозад ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи дигар ёдгориҳои Фароб, монанди Қӯрғони Бахшӣ (асрҳои VI - XIII), Қӯрғони Шоҳ Мансур (асрҳои XI - XII), Тахти Хон ва Қӯрғони Фароб (Қалъаи бек дар асри XIX), Теппаи Зиёрат ва ғайра муҷаддадан ба роҳ монда шавад.

Шарофиддин ҚУРБОНОВ,
Абдураҳмон ПӮЛОДОВ,
бостоншиносони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ

SukkaR
ТИБТАЧҲИЗОТ
ҳаёти солим
Глюкометри
PERFECT 61
дастгоҳи инноватсионии
санҷиши меъёри
қанд дар хун
“Sukkar”, истеҳсоли
Арабистони Саудӣ
АРЗОНУ БОСИФАТ
Телефон:
93-560-0019
90-522-6246
Консультация врача:
777-11-18-17
Адрес:
Душанбе, ул. Б.Гафурова, 3-й проезд, 84
мкр., возле ресторана «Тайги»
Perfect 61
105
mg/dL
6 СОЛ
КАФОЛАТ



ҲАБИБУЛЛОИ

Пас аз он ки бар тахти шоҳӣ нишаст,
Шукӯҳи Хуросон биёмад ба даст.

Наҷиби Борвар

Тоҷикон ва форсизабонони Хуросон ҳамчун миллати фарҳангсолор, соҳибихтиёр ва тамаддунофар дар имтидоди таърих ҳамеша саҳми босазои худро дар рушди тамоми соҳаҳои давлатдорӣ, зербинои ҷомеа, иқтисод, тиҷорат, илм, фарҳанг, адабиёт, меъморӣ ва ҳунар гузоштаанд.

Онҳо хайри ҷамъӣ ва салоҳдиди умумимардумиро ба инобат гирифта, ҳама вақт барои ҳифзи тамомияти арзӣ, густариши адолат, нангу номуси мардум ва барқарории давлати марказӣ мубориза бурдаанд. Мурури кӯтоҳе ба таърихи Афғонистони муосир нишон медиҳад, ки фарҳанги тоҷик нуфузи файзбор ва шарафосор дар ташаккули маданият ва зеҳнияти ҷомеаи кишвари ҳамсоя доштааст. Шаҳрҳои Ҳирот, Мазори Шариф, Кобул, Зобул, Самангон, Сиистон, Қандаҳор, Куҳандиж, Ҷавзгон, Ғур, Каписо, Парвон ва Ғазнӣ, водиҳои тамаддунофар, аз қабили дараи Каён, дараи Панҷшер, дараи Сӯф, дараи Шимолӣ, дараи Соланг, дараи Хинҷону Андароб, дараи Ғур, Чордара, дараи Толаву Барфак, Ҷувайдара, дараи Роғистон, дараи Асмор ва ғайрае, ки ҳамчун маркази тамаддуни мардуми бумӣ қад афрохтаанд ва дар он ҷо ҳувият ва фарҳанги миллӣ шакл гирифтааст, ба таври дастаҷамъӣ то аввали асри XX макони зисти тоҷикон будаанд.

Як назари иҷмолӣ ба ин шаҳрҳо ҳақиқатеро бармало месозад, ки дар Афғонистон кӣ аксарият аст ва кӣ ақаллият? Офтобро бо доман пӯшонидан намешавад. Элфингстон, сайёҳ ва низомии англис, вақте ки дар аввали асри XIX ба вилояти Нангарҳор, ки ҳоло хилофи адолати таърихӣ паштуннишин ҳисобида мешавад, меояд, эътироф мекунад, ки аз 11 ноҳияи ин вилоят дар 9-тои он тоҷикон сукунат доранд.

Тамоми тадқиқоти таърихие, ки аз тарафи пажуҳишгарони рус ва аврупоӣ то ҳол анҷом дода шудаанд, бо такя ба далелҳои қавӣ, ковишҳо ва ёдгориҳои таърихӣ, ки дар натиҷаи омӯзиши ҷиддии илмӣ ба даст омадаанд, бар онанд, ки фарҳанги тоҷикон на танҳо дар таъсирпазирии халқу мардуми Афғонистон, балки дар пайдоиши халқҳои нав, ки забон ва фарҳанги тоҷиконро эътироф ва пурра пазируфта, дар он марҳилаи тамаддуниро гузаштаанд, саҳмгузор аст. Чунончи, ба ин қишри мардум - ҳазораҳо, паштунҳои даризабон шомил мешаванд, ки бо забони дарӣ-форсӣ-тоҷикӣ такаллум мекунанд ва фарҳанги мардуми таҳҷоиро ҷузъи ҳувияти худ мепиндоранд. Ҳатто дар зери таъсири фарҳанги тоҷикӣ халқе дар вилоятҳои Тахор ва Бадахшони Афғонистон сукунат доранд, ки худро «туркони порсигӯ» меноманд ва созише дар сарҳади ҳувиятӣ бо тоҷикон ба вуҷуд овардаанд.

Тоҷикон давлатҳои мустақил ва империяи комилҳуқуқ дар ҳудуди Афғонистони имрӯза доштанд, ки империяи Кӯшониён аз ҷумлаи онҳост. То соли 90-уми асри гузашта чунин пиндошта мешуд, ки кӯшониён кӯчманчӣ будаанд, вале катибаи Работак, ки ба дасти Канишка - шоҳи кӯшонӣ навишта шудааст ва шарҳи ҳоли ӯро дар бар мегирад, як инқилоби илмӣ дар бораи пайдоиши ин сулола зам намуд. Шоҳ Канишка дар катибаи Работак, ки дар чандкилометрии пойтахти вилояти Самангон - Айбек ва сарҳади вилояти Бағлон ёфт шудааст, аз шаҷараи авлодии худ сухан кушода, иқрор мешавад, ки аз ирқи ориёӣ мебошад.

Ин ҳақиқати бебаҳс ва дар тӯли таърих шаклёфта аз ҷониби ягон гурӯҳ ва ҳукумате то ҳоло сарфи назар нашудааст. Ҳарчанд ки ҳокимони сулолаҳои вақт меомаданду мерафтанд, бо мурури замон зери таъсири фарҳанги шахсиятсозии ориёӣ қарор мегирифтанд ва марҳилаи полоиши тамаддуниро тай менамуданд. Аз сӯи дигар, ин тағйироти ҳувиятӣ бистари таърихӣ ва омили айнӣ ҳам дар пай дошт, зеро қабилаҳои ҷанубӣ аз шимолу шарқи Ҳинд дар асри XIV ба Хуросон омаданро оғоз карданд ва ин раванди муҳоҷирати иҷборӣ, ки таҳлилу таҷзияи он аз мавзуъ берун аст, то ҳоло идома дорад.

Агар ба таърихи ин кишвар бингарем, аён мегардад, ки тасаллути пурраи забони тоҷикии дарӣ нишонаи доноиву ҳушёрӣ, бофарҳангиву пешравӣ дар пешбурди равандҳои иҷтимоӣ арзёбӣ мегардид. Аз ин рӯ, нухбагон ва ашрофзодагони аҳли қабила аз ғановатмандии ин забони оламшумул, ки иқтидори сарборияи маънавии ҳазорсоларо дошт ва аз Чин то сарҳади Аврупо тавсеа ёфта буд, дар муҳити хонавода ва долонҳои дарбор истифода мебурданд. Табиист, ки олудагиҳои зеҳнияти қабилавиро бо насими фарҳанги созанда ва дунявимадор аз вуҷудашон зудуда менамуданд. Ҳарчанд дар мақтаи замонӣ ҷангро худ баранда буданд (ҷанги дуюми афғону англис) ба худ саволҳое мармуз мегузоштанд, ба соҳибватанӣ будан ва рисолати раҳбарии худ шакку шубҳа мекарданд:

Мекунам девонагӣ то бар
сарам ғавғо шавад,
Сикка бар зар мезанам,
то соҳибаш пайдо шавад.

Агар ба қазияҳои на он қадар дури солҳои 2000-ум таваҷҷуҳ намоем, ҳамин тарзи иштибоҳи таърихӣ бо каме тағйирот дар Кобул боз такрор гашт. Раиси ҷумҳури тамомъиёр ва комилҳуқуқи Афғонистонро «Ҷабҳаи муқовимат» соли 2001 напазируфт, бо муомилаи шубҳаноки ҳукуматро ба нафаре ҳавола карданд, ки аслан, дар байни мардум ва миёни саҳнаи сиёсии кишвар шинохте надошт. Натиҷаи ин муомилот бар зарари манофеи миллӣ буд.

Сайри такомули таърихӣ бар ковиши мақому мартабаи Ҳабибуллои Калаконӣ нишон медиҳад, ки ҳукумати қабиласолори амонӣ дар 16-уми январи соли 1929 (суқут 13-уми октябри соли 1929) аз дасти ӯ ва ёрони вафодораш ба шикаст мувоҷеҳ шуд. Тилисми шикастнопазири истибдоди анқариб дусадсоларо ба боди фано рӯ ба рӯ кард.

Таърихнигории афғонӣ, ки бар усули паштунмеҳварӣ то солҳои 90-уми асри гузашта побарҷо буд, аз шахсияти Ҳабибуллои Калаконӣ як шахси «иртиҷоӣ» ва «қафомонда» чеҳрасозӣ кардаанд (хусусан китоби тафриқаандоз ва шовинистии «Сақавии дувум», Афғони Самсур). Чунончи, муаллифи китоби «Афғонистон дар масири таърих» М. Ғубор бо як хашми рӯшод ва орӣ аз ҳақиқати таърихӣ овардааст: «Ҳабибуллои Калаконӣ машҳур ба «Бачаи Сақав» аз шоҳони муртаҷеъ ва бесавод буд, ки тибқи тавтиаи англисҳо алайҳи шоҳи мутараққӣ ва ватандӯст, ғозӣ Амонуллохон даст ба шӯриш зад ва дар 20 ҷиддии 1307 бо ҳамкории руҳониёни ачир ва фурӯхташуда ба дурахшонтарин даврони таърихи мо поён дода, ба қудрат расид».

Ин таърихшиносон, ки имтиёзхӯрони сулолаҳои дурронӣ будаанд, дар мавқеъгирии ғайриилмӣ ва дур аз ҳақиқати худ танҳо бар маҳкумияти бечунучарои Ҳабибуллои Калаконӣ ва пешдовариҳои козибона такя кардаанд, ки ба ақидаи коршиносони муосир хилофи тарзу усулҳои мунсифона ва одилонаи таърихнигорӣ мебошад. Ҳатто падари шеъри дарӣ Халилуллои Халилӣ дар маҷмуъ асари хубе, ки тобиши достонӣ дорад, бо номи «Айёре аз Хуросон» навиштааст, вале дар баъзе бахшҳо ишораҳои нораво ва пойбанди тасвири калишавии шахсияти Ҳабибуллои Калаконӣ (камбағали бараҳнапойи бесавод, куҳпаймои боғбони ангурфурӯш ва ғ.) будааст.

Ривояти дигаре дар зеҳни таърихшиносони ростин нисбат ба Ҳабибуллои Калаконӣ аст, ки аз мактаби олими тавоно Ҳақназар Назаров маншаъ мегирад. Ин тасвир бар пояи адолати таърихӣ ва бозгӯйи ҳақиқат аст. Бар асоси ин фарзия, Ҳабибуллои Калаконӣ саркори шӯриши деҳқонӣ мебошад ва пӯшиши мазҳабӣ ба фаъолияти ӯ додан аз рӯи методи муқоисавӣ, вазъи геополитикии он замон ва шароити конкретӣ - таърихӣ раво нест. Сараввал, ӯ пуштивона ва собиқаи динӣ надошт, мадрасаи динӣ хатм накарда буд, ба ҳеч ваҷҳ тафаккури динмеҳвар ва ба доираҳои руҳонияти расмӣ ва ғайрирасмӣ ворид набуд. Як низомии ҷасур, корманди миёнаомори давлатӣ ва давлатмадор буд, ки беадолатиҳои хонҳои борикзайӣ ӯро водор кард, ки силоҳ ба даст бигирад. Дар амалиётҳои ҷангӣ иштирок меварзид, баръакс дар дастгир кардани дузду роҳзанҳо иштироки фаъол дошт.

Аз ҳама муҳим, манфиати миллии худро дар қиболи ҳуҷумҳои қабиласолорӣ дарк мекард ва дар ин росто аз ҳунари басиҷ ва муттаҳид кардани мардум бархӯрдор буд. Муаррих Ҳ. Назаров бо такя ба рӯзномаву маводи ғании таърихии он вақт менигорад, ки вақте Ҳабибулло Калаконӣ бо деҳқонҳои худ вориди Кобул гашт, мисли қабилаҳои вазириву масъудӣ, ки бо амри Нодирхон дар моҳи октябри соли 1929 амал мекарданд, ҷиноят содир накард. Қабилаҳои ҷанубӣ на танҳо хонаву дар ва ҳатто ҳарами худи Нодирхон, балки сафоратхонаҳои хориҷиро талаву тороҷ карданд, сафири Туркияи он вақт ба ивази ришва ҷон ба саломат бурд.

Дар китоби «Мақоми тоҷикон дар таърихи Афғонистон» Ҳ. Назаров нусхаи яке аз фармонҳои Ҳабибуллои Калаконӣ дар бораи ривоҷи илму адаб ва забономӯзӣ омадааст, ки аз он далолат мекунад, ки ӯ ба рушди маориф бетараф набуд.

Дигар далели росих ва муътамади шахсияти одил, бофарҳанг ва давлатмадор будани подшоҳ Ҳабибуллои Калаконӣ, муносибати ӯ ба масоили занон буд. Маводи мадракии таърихӣ далолат аз он мекунад, ки дидгоҳи ӯ назари танги мафкураи ифротӣ нисбат ба зан набуд, ҳамсари ӯ Бибӣ Сарварии Сангарӣ, Малика Сангарӣ бинти Муҳаммад Ҳайдар, маликаи Афғонистон дар тамоми сангарҳои набард бо шавҳараш дасту панҷа нарм мекард ва аз ин лиҳоз, тахаллуси «Сангарӣ» гирифта буд.

Сониан, шоири даризабони умедбахш Наҷиби Борвар бар нуктаи дигар таъкид меварзад ва менигорад, ки «расму суннати он рӯзгор чунин буд, ки агар касе ба ростӣ ва дурустӣ сифоти айёрӣ надошт, ӯро айёр лақаб намонданд. Мегӯянд, вақте ки қудратро ба даст овард, хоҳарони Амонуллохон дар Арк ба дасти ӯ афтоданд. Дар ҳоле ки Амонуллохон аз ҷониби Қандаҳор дубора дар талоши сарнагунии Калаконӣ буд, ӯ хоҳарон ва хонаводаи Амоннуллоро вориди масоили сиёсӣ накард. Яке аз наздикони Амонуллоро талбид ва навомиси душманашро бо иззат ба онон таслим кард, аз ин рӯ буд, ки айёр лақаб гирифт.

Ба гуфте:

Ба номуси душман
нигоҳе накард,
Бо қомуси мардӣ
гуноҳе накард.

Аммо бубинед, Нодирхон (бо лақаби ғаддор) бо Бибӣ Сангарӣ - ҳамсари Ҳабибуллои

КАЛАКОНӢ КИСТ?

Чаро ба ӯ Бачаи Сақо ном гузоштанд?

Калаконӣ чӣ кард? Ӯро бо ду духтараш ва писараш Асадулло ба 20 сол зиндони Деҳмазанг маҳкум кард, писарашро дар зиндон масмум намуд. Ба ин иктифо накарда, ӯро ба Балх таъбид намуд. Муаллифи ин сатрҳо соли 2004 дар Мазори Шариф таҳқиқот дар ин маврид бурд ва маълум гашт, ки баъд аз таъбид дар маҳаллаи арабнишини шаҳри Мазори Шариф паноҳ бурд ва бинобар меҳри мардумие, ки ҳамсараш ва худаш дошт, то охири умр дар ин ҷо паноҳгоҳи амн ёфт. Худ қазоват кунед, кӣ бо ҷаҳлу таассуб ҳукуматронӣ мекард ва кӣ бо муттако бар ақли солим ва оянданигарӣ?

Ба ақидаи афғонистоншиноси шинохтаи тоҷик Қосимшо Искандаров, қиёми Ҳабибуллои Калаконӣ муқаддима ва пешшарт дошт, ки зулму ситами зиёд ва қатли оми мардуми шимол, хусусан тоҷику ҳазора дар пай дошт ва ин як навъ вокуниши умумимиллӣ буд дар сатҳи Афғонистони вақт: “Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар ҳудуди 100 ҳазор хонаводаи паштун аз ҷануб ва шарқи Афғонистон ба шимол муҳоҷир карда шуданд. Бо ин роҳ амирон мехостанд дар шимол такягоҳи иҷтимоӣ дошта бошанд. Ин дар ҳоле буд, ки ба қавли муаррихон дар ин минтақаҳо заминҳои бесоҳиб набуданд ва ноқилин заминҳои мардуми маҳаллӣ, яъне тоҷикону ӯзбекҳоро тасарруф менамуданд.

Дар давраи подшоҳии Амонуллохон (1919-1929) “Низомномаи ноқилин” қабул шуд, ки мувофиқи он ҳукуматҳои маҳаллӣ дар шимол ухдадор шуданд ҳазорон нафар аз ноқилинро пазируфта, онҳоро бо заминҳои обӣ таъмин намоянд. Давлат ба ноқилин имтиёзҳои дигари зиёдро пешбинӣ намуд, аз чумла барои 12 сол аз пардохти андоз озод карда шуданд. Аз ҳамон давра дар минтақаи васеи шимол, аз Ҳирот то Бадахшон минтақаҳои паштуннишин, ба истилоҳ “анклавҳо” ба вуҷуд омаданд, ки имрӯз, мутаассифона ин “анклавҳои” паштуннишин хоса дар вилоятҳои шимолӣ: Форёб, Сари Пул, Ҷузҷон, Бағлон ва Қундуз ба пойгоҳҳои аслии "Толибон" ва террористон мубаддал шудаанд.

Ин шӯриш ҳеҷ омили қавмӣ надошт ва тоҷикони дастаҳои Ҳабибулло бо кумаки қабилаҳои паштун тавонистанд Амонуллохонро сарнагун намоянд. Аммо, баъзе аз раҳбарони паштун, бахусус Муҳаммад Нодирхон паштунҳоро бо таблиғоти васеъ, ки гӯё саркардаи онҳо як «тоҷики пойлуч» ва «бенасаб» бо номи Бачаи Сақав (онҳо Ҳабибуллоро таҳқиромез Бачаи Сақав, яъне бачаи обкаш ва ҳукуматашро Сақавӣ номиданд), тахти подшоҳии афғонҳоро ба даст гирифтааст, ба муқобили Ҳукумати Ҳабибулло таҳрик намуданд.

Зимни таҳқиқот як падидаи умумӣ ва маълум, ки таҳти фишор такрор ба такрор дар китобҳои таърихнигорони Афғонистон омадааст, бармало гашт - ин маълумоти шарҳиҳолии Ҳабибуллои Калаконӣ аст, ки дар асарҳои “Афғонистон дар масири таърих”, “Афғонистон дар панҷи қарни ахир”, “Афғонистон дар аҳди амония” (Вокуниши умумимиллӣ буд дар сатҳи Афғонистони вақт: “Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар ҳудуди 100 ҳазор хонаводаи паштун аз ҷануб ва шарқи Афғонистон ба шимол муҳоҷир карда шуданд. Бо ин роҳ амирон мехостанд дар шимол такягоҳи иҷтимоӣ дошта бошанд. Ин дар ҳоле буд, ки ба қавли муаррихон дар ин минтақаҳо заминҳои бесоҳиб набуданд ва ноқилин заминҳои мардуми маҳаллӣ, яъне тоҷикону ӯзбекҳоро тасарруф менамуданд.



нишҳои мазҳабӣ ва таҳаввулоти иҷтимоии замони салтанати Амонуллохон (1919-1929)-и Сензил Навид” омадааст. Чунин тасаввур мешавад, ки ҳама ба умқи масъала ворид нагардида, як ибораву ҷумлаҳои монандро зери фишори таблиғоти густурда дар китобҳо коридаанд.

Омили дувум, ки аз пажуҳиш маълум мегардад, ҳукуматдорони вақти Афғонистон дар лаҳзаҳои бухронӣ истифода аз иқтидори ҷангии қабилаҳои ҷанубиро аз Ҳинди Британиявӣ маҳаки асосӣ ва нуқтаи такягоҳии муборизаи худ медонистанд. Дар китоби Сензил Навид 3 номаи Амонуллохон ва Нодирхон ба қавмҳои танай, ҷоҷӣ ва бошандагони вилоятҳои ҷанубӣ зикр шудааст, ки порае аз номаи Амонулло ба қабилаҳои ҷанубиро мехонам: “Ҳамоно мардуми Қандаҳор назди ман омаданд ва гуфтанд, эҳсоси ватандӯстӣ, ғайрат ва афғонияти онҳо абадан ба эшон иҷоза намедиҳад, ки ба идора касе монанди Бачаи Сақо, ки умрашро ба таҷовуз ба мол ва дороии мардум ба сифати як қотил сипарӣ кардааст ва ё касе, ки ҳатто афғон (паштун) нест, мувофиқат кунанд”.

Тақдири Спитамен, Абумуслими Хуросонӣ, Муқаннаъ, Синдбоди Муғ, Темурмалик, Восеъ, ки бо Ҳабибуллои Калаконӣ ба таври ачиб ба ҳам гиреҳ мехӯрад, аз саҳифаҳои дурахшони мубориза ва ҷонбозиҳои миллати мо мебошанд. Ҳар яке бар ҳар шаклу воситаи шинохти вазъият барои таъсиси як ҳукумати миллии тоҷикмеҳвар дар Хуросон, Мовароуннаҳр ва вилоятҳои умумии форсизабонон саъю талоши беандоза карданд. Хосатан, аз нигоҳи замонӣ ва шарту шароит аз шӯриши Восеъ ва Ҳабибулло Калаконӣ решапайвандҳое пайдо кардан мумкин аст, ки таҳқиқоти густурдаро тақозо мекунад.

Яке аз омилҳои сар задани қиёми Ҳабибуллои Калаконӣ боло бурдани молиёт ва андози камаршикан буд, ки дар шӯриши Восеъ ҳам ин омил ба шиддат ба назар мерасад.

Подшоҳи Афғонистон Ҳабибулло Калаконӣ, айёре аз Хуросон, ҷавонмарде, ки футувватро парчами худ дониста ва шинохта буд. Ба гуфти нависандаи тоҷик М. Шукурзода, ҷавонмардӣ ва таъбири дигаре аз ин вожа, айёр дорои се сифат - Сахо, Сафо ва Вафо аст.

Тоҷикон ҳамчун миллати куҳанбунёд ва тамаддунофар ба қавли Ҳофизи бузург чун:

Булбул ба шохи сарв ба
гулбонги паҳлавӣ,
Мехонд дӯш дарси
мақомоти маънавӣ

рисолати инсонсозӣ, равшанфикрӣ ва талқини ҷавҳари биниши илмандӯзиро ба дигарон манзур медоштанд, то ки ҷаҳли мураккаби афкорӣ ва таассуби камёфти рафторӣ дар ҷомеа бар ақлҳо мусаллат нагардад. Ба ғановатмандии нодири фарҳангӣ ва забонӣ ҳам иқрор буданд ва дар имтидоди таърих ба забони ҳол нухбагони паштунтабор ҳам, ки дағдағаи давлатдорӣ доранд, бо ду дасти адаб эътироф кардаанд. Чунончи, Маҳмуди Тарзӣ, андешапардози миллатгароии афғонӣ бар он аст, ки: «Зотан мардуми афғон чун умуман ба кори аскарӣ ва футуҳоти билоду ҳарбу зарб гирифтор буданд, ба корҳои мирзоӣ ва таҳрироти ҳукуматӣ вақт ва фурсат надоштанд ва ҳатто ин корҳоро ор мешумориданд. Китобҳои таҳсили илму адабиёт ҳама ба забони форсӣ ва ё арабӣ буданд. Забони афғонӣ (хонда шавад пашту,- Н. У.) ба дараҷаи кифоят аз ин чизҳо саросар маҳрум монда буд».

Амирони шинохтаи паштун на танҳо донандаи забони дарӣ, балки ба ин забон васвасаи ҳунари шоирӣ доштанд ва девон ҳам таълиф кардаанд.

Муаллифи мақолаи «Зеҳнияти хатарзои толибонӣ ва муомилаи шубҳаноки абарқудратҳо» муътақид аст, ки «нигоҳи толибон ба зиндагӣ нигоҳи қафомондаи асримиёнагист, онҳо талош мекунанд дар қолаби шариати ғуррои вопасгаро дар қарни иттилоотии XXI пешдоварӣ намоянд, ҳама масъалаҳои дар тӯли 1400 сол пеш бавуҷудомадаро саҳлу осон пиндоранд. Ин як сароби фиребандаест, ки мардумро гӯлу гумроҳ мекунад. Дар барномаи "Толибон" вуҷуди зан ҳамчун мавҷуди нолозим матраҳ гаштааст. Ба мудирияти ин гандаҳои толиби ҳирсу молу ҷон менигаред, аслан мардум дар он ҷое надорад».

Шоир Муҳиби Бориш дар баҳси он ки сарзамини Афғонистонро набояд танҳо як қавм, яъне паштунҳо ҳукуматдорӣ кунанд, чунин хитоб карда:

Қабила чи бошад, ки
шоҳӣ кунад,
Ба қудрат чу ояд,
табоҳӣ кунад...

Тоҷикони Афғонистон фурсати барои ҳадафҳои дигарон мубориза бурданро надоранд. Роҳи асосӣ ва меҳварии онҳо дар ояндаи наздик басиҷ сохтани тамоми мардум бар зидди таҳдиду хатарҳои тамаддунӣ мебошад. Муттаҳид шудан дар атрофи раҳбарони асил, ки дар байни аҳолӣ обрӯву эътибор доранд, боло бурдани худшиносии миллӣ ва тарҳрезии барномаи дарозмуддат барои эҳёи нуфузу мақоми шоистаи тоҷикон метавонад роҳи ҳалли қазияи Афғонистон ва сарнавишти ояндаи минтақаро рақам бизанад.

Таърих амалан такрор намешавад, вале, чӣ тавре ки олими рус Ключевский В. О. гуфтааст, «таърих мураббӣ нест, маҳкумкунанда аст, он тарбия намекунад, ҷазо медиҳад».

Ҳамин тариқ, бо боварии комил гуфтан лозим аст, ки дурнамои давлатсозии тоҷикон ба оянда раҳнамун сохта шуда, бо такя ба асолати миллӣ ва қудрати худӣ рушду нумӯ хоҳад кард. Тамаддуни шуҳратёри тоҷик ва форсизабонон тавъам бо тафаккури миллӣ мавқеи хос дорад, яксӯбин ва таблиғгари масири созандаи ҷаҳонбинии илмӣ ва худшиносии миллӣ буда, барои созу барги давлати ояндаи пасотолибӣ ва тарбияи инсони ормонӣ дар Хуросони таърихӣ ва Афғонистони кунунӣ заминаи мусоид фароҳам меовард.

Дар фарҷоми таҳлилномаи имрӯза ба натичае мерасем, ки фарҳанги тоҷик ҷузъи тафаккури мардуми Афғонистон гаштааст, ки нишонаҳои он дар аъмоли завқӣ, рафторӣ, санъат, меъморӣ, ҳайкалтарошӣ, наққошӣ, ҳунар, умури давлатдорӣ ва ҳувиятӣ дида мешавад. Касе, ки китоби нависандаи турк Орхан Памук «Номи ман сурх»-ро мутолиа кардааст, медонад, ки он дар зери таъсири мактаби минатюраи рассомони Ҳирот, аз ҷумла Камолиддин Беҳзод эҷод шудааст, ки бори дигар гуфтаҳои моро дар ин робита тасдиқ менамояд.

Аз ин рӯ, бояд бознигарии илмии омӯзиши шахсият ва мақоми Ҳабибуллои Калаконӣ дар таърихи минтақа роҳандозӣ карда шавад:

Шароити шикасти асорати 180-солаи зеҳнияти қабилавӣ аз ҷониби ӯ олимона бар усули ҳақиқати таърихӣ пайгирӣ карда шавад;

Барчаспҳои норавои «бачаи Сақав» ва дигар лақабҳое, ки дар матбуот ва пажуҳишҳои илмӣ ба Ҳабибуллои Калаконӣ додаанд, ҳазф гарданд;

Китобҳои «Сақавии дувум» ва амсоли он ҳамчун хилофи асолати илмӣ ва тафриқаандозӣ маҳкум карда шаванд;

Китоби Латиф Каримӣ «Яғмои мангалии дуюм» ба хати кириллӣ баргардон карда шавад.

Бар низоми мардумсолорӣ, айёрӣ ва ҷавонмардӣ дар пешбурди ҳукуматдорӣ ҳамчун унсури қудрати худии Ҳабибуллои Калаконӣ бо такя бар пойгоҳи қавии илмӣ-пажуҳишии мактаби афғонистоншиносии тоҷик ва бар усули бетарафии муаррихуи таърихнигорӣ таъкид карда шавад.

Умед НАЗАРОВ,
пажуҳишгари масоили Афғонистон

ПРОКУРОРРО РОНДАНД

Ҷумъаназар Сайидаҳамадзода, прокурори ноҳияи Восеъ, ки моҳи феврал мошинашро дар Кӯлоб оташ зада буданд, аз вазифааш озод шуд.

Дар ин бора расман иттилоъ нест, вале манобеи ғайрирасмӣ мегӯянд, ки сабаби он "барои ворид шудани шикояти зиёд нисбаташ" будааст.

Шаби 12 ба 13-уми феврал мошини хидматии Ҷ. Сайидаҳамадзода дар Кӯлоб оташ гирифт. Мақомот гуфта буданд, ки ин корро як сокини 50-солаи Кӯлоб бо номи Ҷумъахон Ғаниматзода кардааст. Ӯ гуфтааст, ки прокурори Восеъ "дар ҳақаш ноадолатӣ кардааст."

Ҷ. Сайидаҳмадзода соли 2020 покурори ноҳияи Восеъ таъин шуда буд.

МАН НАБУРИДАМ, ШАМОЛ ҒАЛТОНД

Қурбонбой Бобочонов, деҳқон аз ноҳияи Б. Ғафуров шикоят дорад, ки суд ӯро беасос бо гуноҳи буридани дарахтҳо ҷаримаи калон бастааст.

Парванда аввал ба зидди писараш Рустамҷон Бобочонов бо иттиҳоми буридани 12 дарахти қароғоҷ оғоз шуда ва баъди тасдиқ наёфтанаш бо ҳамин иттиҳом Қ. Бобочонов ба ҷавобгарӣ кашида шудааст. Суд ӯро 40 ҳазору 275 сомонӣ ҷарима кардааст. Бобоҷонов далели буридани дарахтҳоро рад карда мегӯяд, ки оноро шамол афтонид. Адвокати Бобоҷоновҳо мегӯяд ба суди вилоятӣ шикояти кассатсионӣ пешниҳод кардааст.

КОРГАРДОНРО КӢ КУШТ?

Наздикони Шавкат Халилов, коргардони тоҷик, ки рӯзи 15-уми май дар бемористони Қарияи Боло дар синни 66-солагӣ даргузашта буд, табибонро дар маргаш гунаҳкор медонанд.

Пизишкон мегӯянд, ки имкони наҷоташ вуҷуд надошт, мақомот шикоятро санҷида, табибонро бегоноҳ арзёбӣ кардаанд.

Умеда Халилова, ҳамсари коргардон мегӯяд, ки шавҳараш барои гирифтани санги талхадонаш рафта буд, вале бо иштибоҳи табибон фавтид.

Табибон ин иддаоро рад карда, мегӯянд, ки талош карданд ӯро наҷот диҳанд, вале пас аз ҷарроҳӣ бемориҳои куҳнааш рӯ зада, боиси маргаш шудааст.

Прокуратураи генералӣ акси дар сари сарбозон навиштани номи "КОНИБОДОМ"-ро, ки ахиран дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн шуд, мавриди таҳқиқ қарор дод.

Маълум гардид, ки ҳодиса 14-уми январ аз ҷониби сартароши ротаи гурӯҳи мобилии Комендатураи қисми ҳарбии 0215 ҚС КДАМ дар шаҳри Исфара, сержанти хурд Муҳриддин Исмоилов рӯй додааст.

Номбурда бархилофи Оинномаи интизомӣ амал карда, 9 нафар наваскарон - Карематзода Б. Л., Азамзода М. А., Қурбонов С. Н., Гулмирзоев И. М., Раҳматуллозода И. Р., Кенҷаев К. Р., Рачабов Р. Н., Мирзоев Н. У. ва Ғуломзода К. С.-ро бо мақсади нишон додани бартариаш, ба намуди зоҳирии сарбозони қатории номбаршуда таҳқирона муносибат карда, мӯйи сарашонро мачбуран дар намуди ҳарфҳои "К", "О", "Н", "И", "Б", "О", "Д", "О", "М" метарошад ва шаъну шарафашонро дар назди сарбозони дигар паст мезанад.



КОНИБОДОМ
Нависандаи сари сарбозон кист?

Номбурда боз ҳам барои шуҳратманд гардидан ин ҳолатро тавассути сержанти хурд А. Давлатов ба телефони мобилӣ аксбардорӣ намуда, ин аксро 15-уми июн, яъне баъди адои хизмат ҳамчун воситаи таҳқири низомиён дар Интернет паҳн мекунад.

16-уми июн вобаста ба ҳодисаи мазкур нисбати низомиён М. Исмоилов ва А. Давлатов парванда оғоз шуда, ҳоло тафтишот идома дорад. Ҷиноятқоронро ҷарима ба андозаи аз 250 то 919 нишондиҳанда ё то 9,5 соли маҳрумият аз озодӣ интизор аст.

Ёдовар мешавем, ки моҳи апрел ҳодисаи ба ҳамин монанд боз ҳам дар ҳамин ноҳияи Исфара рух дода, дар пайи он 1 афсару 7 низомӣ аз 9,5 то 11,5 сол ҳабс шуданд.

МУҲОҶИРИ ТОҶИКРО ДАР АМРИКО КУШТАНД

Як тоҷики ронандаи мошини боркаш дар Амрико дар сари роҳ парронида шуда, дар дармонгоҳе дар Калифорния ҷон бохтааст.



Полиси Амрико мегӯяд, ки ӯ Илҳом Шодиеви 37-сола, сокини шаҳри Шарлоти иёлати Каролинаи Шимолӣ, оиладор ва соҳиби ду фарзанди хурдсол будааст. Шодиев рӯзи 15-уми июн бо мошинаш молҳои ширкати "Амазон"-ро мебурдааст ва ин ҳангом эҳтимолан мусофири мошини сабукрави дигар ба самти ӯ тир кушодааст. Дар натиҷа мошин аз роҳ берун шуда, ба ду мошини сабукрави лаби роҳ ва як бино бархӯрдааст.

Анвар Қурбонов, бародарзодаи Шодиев гуфтааст, ки полис то ҳол сабаби тирандозиро мушаххас накардааст ва ду фарзияро пешниҳод кардаанд: эҳтимол шахси тирандоз Шодиевро ба каси дигар монанд карда, тир задааст, ё ҳангоми ҳаракат дар роҳ миёни мошини боркаши Шодиев ва он нафар ягон мушкилӣ пеш омадааст.

Ба гуфтаи Кристи Паттерсон, сухангӯи беморхонаи Сан Хоакини Калифорния, Шодиев нисфирӯзии 16-уми июн даргузаштааст. Марҳум ду тир - яке ба дасти чап ва дигар ба сараш хӯрдааст.

Гуфта мешавад, ки наздикон ҳанӯз ҷасади Шодиевро надидаанд. Онҳо мехоҳанд ҷасади ӯ ба Тоҷикистон интиқол дода шавад, то дар зодгоҳаш - Шаҳритус ба хок супоранд.

Илҳом Шодиев соли 2018 бо бурди корти сабз ба Амрико муҳоҷир шуда, ронандаи мошини боркаш шуда кор мекардааст. Ҳоло тоҷикони муқими Амрико бо муроҷиат ба хайрхоҳон тавассути пойгоҳи Gofundme, ба ҷамъоварии пул барои расонидани ёрии молӣ ба оилаи марҳум оғоз кардаанд.

Полис ҳанӯз шахси тирандозро пайдо накардааст ва дар "Твиттер"-аш аз ронандагоне, ки рӯзи 15-уми июн дар ҷои ҳодиса ҳаракат мекардаанд, хостааст, то сабту наворҳои камераҳои мушоҳидавиашонро ба онҳо ирсол кунанд.

ПОЛКОВНИК ОМӮЗГОРРО РАБУД



Исмоил Раҳмонов (чап) ва Акмал Юсуфзода (рост)

Муовини сардори Раёсати мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили ВКД, полковники милиса Акмал Юсуфзодаро ба ҷурми "одамрабой" гумонбар медонанд.

А. Юсуфзода ба он гумонбар аст, ки "шаби 12-уми июн Исмоил Раҳмонов, омӯзгори Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистонро зӯран ба мошин савор карда, ба самти номаълум бурдааст".

То ҳоло маълум нест, ки ба омӯзгор чӣ шудаву дар кучост. Мақомот кушта шудани омӯзгорро ҳадс мезананд. Наздиконаш беш аз як ҳафта боз И. Раҳмоновро ҷустуҷӯ доранд.

Як манбаъ гуфт, А. Юсуфзода гуфтааст, ки гуё омӯзгорро то ҳудуди ноҳияи Варзоб бурда, дар онҷо раҳо кардааст. Ҳамсари А. Юсуфзода бо И. Раҳмонов дар Донишгоҳи тиҷорат кор мекардааст. Шоҳидон мегӯянд, ки чӣ моҷарое миёни ду ҳамкор сар зада, полковник шабона ӯро барои суҳбат даъват карда будааст. И. Раҳмонов дар арафаи ҳимояи рисолаи илмиаш буд.

АБХОЗИСТОН: ДУ ТОҶИК 15-СОЛӢ ҲАБС ШУДАНД

Суди шаҳри Сухумии Абхозистон ду шаҳрванди Тоҷикистон - Нилуфар Бозороваи 22-сола ва Майдагул Раҳимоваи 44-соларо барои фурӯши маводи мухаддир ба миқдори махсусан калон боздошт кард.

Бино ба маълумот, ин ду зан дар нигоҳдорӣ ва интиқоли ғайриқонунии "метадон" бо мақсади фурӯш гунаҳкор дониста шудаанд. Вазни метадон ҳамагӣ 11,142 грамм будааст.

Бар асоси ин ҷинояткорон ба муҳлати 15-солӣ ва мутаносибан 600 ва 700 ҳазор рубл ҷарима шудаанд.

ПОРАГИРӢ ДАР ВАЗОРАТИ МОЛИЯ

Агентии зидди коррупсия хабар медиҳад, ки Далер Мирзоев, сардори шуъбаи иҷозатномадиҳии раёсати ҳуқуқи Вазорати молия ва Парвиз Наимов, сармутахассиси шуъбаи мазкур аз як шаҳрванд барои гирифтани иҷозатномаи машғул шудан ба фаъолияти идораи букмекерӣ $3 ҳазор доллар талаб кардаанд.

Инҳо аз маблағи талабкарда пешакӣ $1000 гирифта, зимни гирифтани $2 ҳазори дигар аз ҷониби кормандони агентӣ дастгир шудаанд. Номбурдаҳоро аз 5 то 10 соли зиндон таҳдид мекунад.

РОНАНДАИ ФИРОРӢ ДАСТГИР ШУД

Ронандаеро, ки пиёдагардеро пахш карда гурехта буд, дастгир кардаанд.

Навори ин садама дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн гашта, муайян мешавад, ки ҳодиса бегоҳии 16-уми июн дар маҳаллаи Навободи пойтахт аз тарафи Илҳомҷон Сатторови 20-сола, ронандаи мошини «Тайота Камрӣ», рақамҳояш 5551AS01 рух додааст. Номбурда марди 64-солаи роҳгузарро бо пеши автомашинаи худ пахш намуда, аз ҷойи ҳодиса фирор кардааст. Ҷабрдида зарари вазнини ҷисмонӣ надидааст.

ИШТИРОКИ ҲОКИМ ХОЛИҚЗОДА

дар маросими ифтитоҳи Маркази минтақавии ХБА оид ба рушди иқтидори кишварҳои Қафқоз, Осиёи Марказӣ ва Муғулистон

Рӯзи 9-уми июни соли 2023 дар шаҳри Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон маросими ифтитоҳи расмии Маркази минтақавии Хазинаи Байналмилалии Асъор оид ба рушди иқтидори кишварҳои Қафқоз, Осиёи Марказӣ ва Муғулистон доир гардид, ки дар он Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло ширкат варзид.



Ҳадаф аз баргузории чорабинии мазкур рушди иқтидори иқтисодии нуҳ кишвар - Қазоқистон, Арманистон, Озарбойҷон, Гурҷистон, Қирғизистон, Муғулистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон буда, ба ҷуз аз Ҷумҳурии Қазоқистон, кишварҳои Ӯзбекистон ва Гурҷистон ҷойгир намудани маркази мазкурро дар ҳудуди кишварашон дархост карда буданд ва моҳи октябри соли 2019 ХБА тасмим гирифт, ки он дар шаҳри Алмаато ифтитоҳ карда шавад.

Маркази минтақавӣ дар Алмаато 17-умин Маркази минтақавии рушди иқтидори ХБА ба ҳисоб меравад ва бино ба иттилои раиси шаҳри Алмаато Ерболат Досаев, таъсиси он ба табодули таҷриба миёни кишварҳои ширкаткунанда, афзоиши иқтидори иқтисодӣ ва суботи молиявии тамоми минтақа мусоидат хоҳад кард.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло зимни суханронӣ дар ҷаласаи 4-уми "Ҳамкории ХБА бо кишварҳои Қафқоз, Осиёи Марказӣ ва Муғулистон оид ба рушди иқтидор" намояндагони ХБА ва мақомоти Ҷумҳурии Қазоқистонро барои дар сатҳи баланди ташкилӣ баргузор намудани чорабинии мазкур таҳният гуфта, қайд кард, ки ин санаро метавон санаи таърихӣ номид. Зеро он дар таърихи ҳамкории мутақобилаи ХБА ва кишварҳои минтақа марҳалаи нави ҳамкориро оғоз мебахшад.

Ҳоким Холиқзода ҳамзамон зикр намуд, ки новобаста ба хурӯҷи бемории сироятии COVID-19, аз соли 2021 то ба имрӯз Маркази минтақавӣ ба таври фосилавӣ фаъолият дошт ва намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон дар чорабиниҳои омӯзишӣ, вебинарҳо, мизҳои мудаввар ва муҳокимаҳои ташкилнамудаи он фаъолона ширкат варзиданд. Зеро чорабиниҳои омӯзишии Марказ доираи васеи мавзуъҳо, аз қабили рушди устувор ва фарогирии молиявии иқтисодиёти кишварҳои минтақа, навовариҳои бахши молиявӣ, ҳамгироии минтақавӣ, асосҳои макроиқтисодии низоми бонкӣ, тағйирёбии иқлим, сиёсати пулию қарзӣ ва фискалиро дар бар мегирифт.

Ҳамчунин, зикр кардан бамаврид аст, ки сарфи назар аз пешниҳоди кумаки техникӣ ва маслиҳатҳои муфиди мутахассисони Маркази минтақавӣ дар самти идоракунии макроиқтисодии самарабахш, ҳанӯз ҳам масъалаҳои нави ҳалталаб ҷиҳати рушди иқтидор боқӣ мемонанд.

Бонки миллии Тоҷикистон ба Департаменти низоми пулию қарзӣ ва бозори сармояи ХБА, инчунин Маркази минтақавӣ барои пешниҳоди кумаки техникӣ оид ба пешгӯии пардохтпазирӣ, ки марҳилаи аввали он бомуваффақият татбиқ гардид, арзи сипос намуда, изҳори боварӣ менамояд, ки бо назардошти муҳимияти афзоиши иқтидор дар ин самт, Марказ барои амалӣ гардидани марҳилаи дуюми лоиҳаи мазкур ҳамкориро бо Бонки миллии Тоҷикистон идома хоҳад дод.

Ҳоким Холиқзода дар идомаи суханронӣ зарурати боз ҳам бехтар намудани заминаи амалиётии сиёсати пулию қарзиро таъкид намуд. Ҳамзамон изҳори итминон карда шуд, ки Маркази минтақавӣ дар самтҳои муҳимми соҳа, аз ҷумла дастгирии босуботи пулию қарзӣ ва молиявӣ, пешбурди сиёсати самараноки макропруденсиалӣ, танзиму назорати бонкӣ, амнияти иттилоот, мубориза бо таҳдидҳои киберӣ, идоракунии хавфҳо, рушди бозори коғазҳои қимматнок, тақвияти фаъолияти низоми пардохт, татбиқ ва истифодаи меъёрҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (IFRS) ҳамкории самарабахшро давом медиҳад.

"Бовар дорам, ки Маркази минтақавӣ ба як платформаи ҷудонашавандаи рушди нерӯ ва дониш дар минтақа табдил ёфта, минбаъд низ ҷиҳати таҳкими ҳамкории сохторҳои молиявии кишварҳои Қафқоз, Осиёи Марказӣ ва Муғулистон тавассути дарки амиқи хусусиятҳо ва ниёзҳои ин кишварҳо мусоидат хоҳад кард ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навбати худ ҳамеша барои муколама ва ҳамкорӣ бо ХБА омода аст",- изҳор дошт Ҳоким Холиқзода.

КОНФРОНСИ САТҲИ БАЛАНД ТАҲТИ УНВОНИ "РОҲҲО БА ПАРИЖ"

Бо ибтикори Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) ва дастгирии Фонди ҷаҳонии муҳити зист (GEF) рӯзҳои 6-7-уми июни соли 2023 дар шаҳри Венаи Ҷумҳурии Австрия конфронси сатҳи баланд дар мавзуи "Роҳҳо ба Париж" баргузор гардид, ки дар он зиёда аз 200 намояндаи бонкҳои марказӣ/миллӣ, созмонҳои байналмилалии молиявӣ, танзимгарони молиявӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, сармоягузорон ва дигар тарафҳои манфиатдори бозорҳои сармояи Осиё, Аврупо ва Африқои Шимолӣ ширкат варзиданд.



Дар чорабинии мазкур дар доираи ҳамкорӣ бо БАТР намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад низ иштирок доштанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки баргузории конфронс барои мушаххас намудани масирҳои нав ва омӯзиши таҷрибаи беҳтарин дар самти танзими идоракунии хавфҳо вобаста ба тағйирёбии иқлим, тақвияти иқтидори муассисаҳои молиявӣ ва идоракунии корпоративии иқлим зимни вокуниш ба тағйирёбии он, банақшагирии гузариш ва вусъат додани амалиёти молиявии сабз имконияти васеъ фароҳам оварад.

Чорабиниро мудири идорӣ, роҳбари Гурӯҳи ташкилотҳои молиявӣ дар БАТР Франсиз Маличе ифтитоҳ намуда, диққати ҳозиринро ба як қатор масъалаҳои муҳим, аз қабили дурнамои танзиму назорат дар пасманзари имконияту хатарҳои марбут ба иқлим, пешбурди ҳадафҳои Созишномаи Париж (Paris Agreement) тавассути ифшои маълумот оид ба иқлим ва рушди устувор ҷалб намуд.

Дар идомаи ҳамоиш миёни намояндагони бонкҳои марказии/миллии Аврупо, Гурҷистон, Ҷумҳурии Мисри Араб, Арманистон, Шоҳигарии Марокаш, Монтенегро, Комиссияи Аврупо, Шабакаи бонкҳои марказӣ ва нозирони масоили сабзгардонии низоми молиявӣ (NGFS), Биржаи коғазҳои қимматноки Варшава, Шурои байналмилалии меъёрҳои устуворӣ (ISSB), "Bank al Etihad" (ташкилоти қарзии давлати Урдун) "JP Morgan", "Goldman Sachs", Бонки Африқо, Бонки Шветсия ва Агентии танзиму назорати бонкии Туркия мубодилаи афкор сурат гирифт.

Дар баробари ин, масъалаҳои таҳияи стратегияҳои мутобиқшавӣ ба иқлим, омода намудани нақшаҳои гузариш (transition plans) ва дастгирии гузариш ба иқтисоди сабз, идоракунии хавфҳо ва имкониятҳои ҷойдошта дар самти истифодаи навовариҳо ва технологияҳои иттилоотӣ, рушди бозори коғазҳои қимматноки сабз, суръатбахшии афзоиши иқтидори бозорҳои сармоягузорӣ ва қарзии сабз дар соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ ва инчунин зарурати дастгирии молиявии масъалаҳои зикргардида аз ҷониби муассисаҳои молиявии пешқадам мавриди муҳокима қарор дода шуд.

Дар идомаи чорабинии мазкур Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Бонки "Арванд", ки дар озмуни солонаи БАТР оид ба рушди устувор ва ҳалли масъалаҳои муҳити зист ва иҷтимоӣ, афзоиши самарабахшии энергия ва муқовимат бо тағйирёбии иқлим иштирок карда буд, ғолиб ва сазовори ҷоизаи нуқра гардид.

Мавриди ба ёдоварист, ки иштирок дар чорабинии мазкур бо назардошти Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037 ва Созишномаи Париж оид ба иқлим дар таҳияи нақшаи гузариш ҷиҳати тобоварӣ ба хатарҳои марбут ба иқлим, омӯзиши таҷрибаи бонкҳои марказӣ ва муассисаҳои молиявӣ дар самти татбиқи стратегияҳои иқтисоди сабз, эҷоди тиҷорати устувори молиявии сабз, баҳогузорӣ ва идоракунии хавфҳои дигаргунии иқлим заминаи мусоид фароҳам оварда ва Бонки миллии Тоҷикистон доир ба ин масъалаҳо дар доираи ҳамкорӣ бо шарикони рушд чораандешӣ хоҳад кард.

Шуъбаи матбуоти БМТ



ГАСТРИТ АЗ ЧӢ ПАЙДО МЕШАВАД?

Гастрит яке аз бемориҳои меъда мебошад, ки дар натиҷаи илтиҳоби пардаи луобии меъда сар мезанад. Эҳтимол шумо дар ҳайрат афтед, ки чи тавр меъда дар дохили бадан илтиҳоб мегирад. Гап дар сари он аст, ки пардаи меъда аз таъсири хӯроки барзиёду бадҳазм, тезу тунд, сӯзон ё хунук, ғизои бадсифат ва нӯшокиҳои спиртӣ илтиҳоб мегирад.

Хӯрок гунаҳкор ё стресс?

Духтурони асабшинос мегӯянд, ки сарчашмаи ҳама бемориҳо ҳолати стрессии шахс мебошад. Гастрит низ яке аз бемориҳоест, ки бештар бар асари асабонияти шадид сар мезанад. Нӯшокиҳои газдор ва хунук, ки аксаран ҷавонон менӯшанд, боиси хурӯҷ кардани беморӣ мегардад. Маҳз аз ҳамин сабаб шумораи гирифторони гастрит дар байни насли ҷавон бештар аст.

Нишонаҳои беморӣ

Гастрит шадид ва музмин мешавад, вале нишонаҳои беморӣ дар ҳар шахс ба таври гуногун зуҳур карда метавонанд. Маъмулан гастрит бо пайдо шудани ҳиссиёти нофорам дар сари меъда ва дамиш кардани шикам сар шуда, баъдан дилбеҳузурӣ ва оруғзанӣ пайд мешавад. Даҳон бемазза шуда, бемор гумон мекунад, ки ҳамеша даҳонаш пур аз об аст. Дар баъзе ҳолатҳо гастрит метавонад боиси пайдо шудани дарди сар ва андаке баланд шудани ҳарорати бадан гардад.

Чаро гастрит музмин мешавад?

Ҳама бемориҳо аз ҷумла дар марҳилаҳои аввал бенишона гузаранд ҳам, нисбат ба саломатии худ бепарвой зоҳир кардан нашояд, зеро минбаъд шиддат гирифтани беморӣ имкон дорад. Гастритро дар оғози пайдоишаш бо риояи парҳез табобат кардан имконпазир аст. Духтурон ба маризе, ки дар марҳилаи сабуки ин беморӣ қарор доранд, нӯшидани чойи гарм ва истеъмоли таомҳои бегӯшту равған, коклети дампухт ва нони қокро тавсия медиҳанд. Дар давраи муолиҷа, ки якуним - ду ҳафтаро дар бар мегирад, хӯрдани сабзавот, мева, чака, гӯшти обпаз, моҳӣ, тухмбирён маслиҳат дода намешавад. Гастрити музмин дар натиҷаи мунтазам вайрон кардани реҷаи истеъмоли хӯрок, масалан, дар соатҳои гуногун ва бемаврид хӯрдани миқдори зиёди ғизо, таоми тунду тез ё сӯзон, бошитоб ва нодуруст фурӯ бурдани луқма инкишоф меёбад.

Нӯшокиҳои спиртӣ - душмани саломатӣ

Яке аз сабабҳои асосии авҷ гирифтани гастрити музмин истеъмоли нӯшокиҳои спиртдор мебошад, ки баробари ворид шудан ба меъда ба пардаи луобии он таъсири манфӣ расонида, кори ин узвро тағйир медиҳанд. Ҳамчунин, одамоне, ки бидуни тавсия ва назорати духтур баъзе доруҳо, аз қабили кислотаи атсетилсалитсилат (аспирин) ва бутадионро мунтазам истеъмол менамоянд, ба гастрити музмин гирифтор мешаванд.


Оқибатҳои беморӣ

Дар сурати сари вақт табобат нагирифтан гастрити музмин ба рӯдаҳо низ осеби худро мерасонад. Ин беморӣ ҳамчунин метавонад касро ба иллатҳои дигар, аз қабили варами меъда ва захми меъда гирифтор созад.

Роҳҳои пешгирии гастрит

Барои пешгирии гастрити шадид ва музмин риоя кардани қоидаҳои санитарӣ ва диққат додан ба ғизои худ хеле муҳим аст. Худдорӣ кардан аз истеъмоли озуқавории куҳнашуда, тунду тез, хунук ё баръакс аз ҳад гарм, даст кашидан аз нӯшокиҳои спиртӣ шуморо аз шарри ин беморӣ дар амон хоҳад дошт.

ОБРО КАЙ НӮШЕМ?



Вақтҳои охир маъмул шудааст, ки ҳамаи мо бояд ҳарчи бештар об нӯшем. Ҳар як духтур ба шумо мегӯяд, ки ҳар нафар бояд 2 литр об дар як рӯз бинӯшад. Аммо чизи асосӣ чӣ қадар об нӯшидан не, балки дар кадом вақт нӯшидан аст.

Кардиологҳо беҳтарин вақтро барои нӯшидани об тавсия медиҳанд:

- Дарҳол пас аз бедоршавӣ 2 истакон об бинӯшед - ин ба «оғоз» кардани тамоми узвҳои дарунӣ кумак мекунад;

- Тавсия дода мешавад, ки ҳамеша 30 дақиқа пеш аз хӯрок 1 истакон об бинӯшед. Ин ба суръатбахшии мубодилаи моддаҳо ва беҳтар кардани кори узвҳои ҳозима мусоидат мекунад;

- Пеш аз ванна қабул кардан 1 истакон об бинӯшед. Ин ба шумо кумак мекунад, ки кайфиятатонро хуш карда, фишори хунатонро паст кунад;

- 1 истакон об пеш аз хоб ба шумо имкон медиҳад, ки на танҳо хоби беҳтар равед, балки бори дилро коҳиш медиҳад.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Аввали ҳафта диққати бештари худро барои мустаҳкам намудани саломатӣ ва пешгирии бемориҳо равона созед. Эҳтимоли гирифтори бемориҳои вирусӣ гаштанатон зиёд аст. Беҳтараш аз ҳузури нафароне, ки гирифтори зуком ҳастанд, дурӣ ҷӯед.



Савр
21.04 - 21.05

Аввали ҳафта барои ошиқон созгор намеояд. Муносибатҳоятонро шубҳаву гумонҳои бад ва рашк вайрон месозад. Барои каме беҳтар сохтани вазъият кӯшиш кунед, ки ягон рафторатон боиси рашки ҳамсафари ҳаётиятон нагардад.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Аввали ҳафта кӯшиш намоед, ки дар оилаатон баҳсу мунозира рух надиҳад. Аъзои оила аз шумо комилан муносибати дигаргунаро интизоранд. Нимаи дуюми ҳафта барои ба даст овардани маблағи хуби пулӣ мусоидат мекунад.



Саратон
22.06 - 23.07

Аввали ҳафта кӯшиш кунед, ки ба суҳбату ғайбати дигарон ҳамроҳ нашавед, вагарна на танҳо худатон гумроҳ мешавед, балки атрофиёнро низ ба гумроҳӣ мебаред. Ба гапу хабаре, ки мешунавед, бовар накунед. Миёнаи ҳафта ташвишу мушкилатон зиёд мегардад.



Асад
23.07 - 22.08

Аввали ҳафта, хусусан рӯзи душанбе аз хароҷоти пулӣ худдорӣ намоед. Харидҳои дар ин рӯз кардаатон бесифат ва нодаркор мешаванд. Миёнаи ҳафта дар муносибат бо атрофиён ба ҳамдигарфаҳмӣ омаданатон душвор мегардад.



Сумбула
23.08 - 22.09

Дар ҷои коратон душвориҳо сар мезананд. Ҳамин ки ба муваффақият наздик шудед, монеаҳое пайдо мешаванд, ки нақшаҳоятонро барбод медиҳанд. Айни замон фаъолнокии худро нишон надиҳед. Миёнаи ҳафта муносибататон бо яке аз шиносҳо вайрон мегардад.



Мизон
25.09 - 22.10

Барои амалӣ сохтани орзуву ниятҳоятон бояд каме ҷасуртар амал намоед. Бо корҳои пинҳонӣ машғул шудану бо нафарони шубҳанок робита карданро тавсия намедиҳем. Дар ин рӯз эҳтимоли фиреб хӯрдану ба ғалат роҳ доданатон зиёд аст.



Ақраб
23.10 - 22.11

Дар ин ҳафта тартибу интизом ва дақиқкориву хушёриро пеша намоед. Рӯзҳои сешанбе ва чоршанбе ҳунару малакаи худро нишон доданатон лозим меояд. Барои пешравӣ дар касбу кор рӯзҳои мусоид фаро мерасанд. Бадгумониро аз худ дур сохта, фикру андешаи нек кунед.



Қавс
25.11 - 21.12

Агар уҳдадориҳои худро ба тавр бояду шояд иҷро накунед, муносибататон бо роҳбар вайрон мегардад. Рӯзҳои сешанбе ва чоршанбе бобарор мешаванд. Миёнаи ҳафта дар муносибатҳои ошиқонаатон дилсардӣ пайдо мешавад.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Дар зиндагиятон ҳодисаҳои хуши зиёде рух медиҳанд ва баъзе орзуву ниятҳоятон ҷомаи амал мепӯшанд. Дар баробари ин, рӯзи душанбе эҳтимоли рехтани обрӯву эътиборатон зиёд аст. Миёнаи ҳафта дар хонаатон эҳтимоли вайрон шудани асбобҳои техникӣ зиёд аст.



Далв
21.01 - 19.02

Аввали ҳафта бо дӯстону дугонаҳо муноқиша накунед. Пешниҳодҳои корие ро, ки аз ҷониби нафарони ношинос ё беобрӯ мешаванд, қабул накунед. Кӯшиш намоед, ки таъсири табъи гирифтаатон ба нафароне, ки дӯсташон медоред, нарасад.



Ҳут
20.02 - 20.03

Рӯзи душанбе кӯшиш намоед, ки бо ҳамсафари ҳаётӣ муноқишаву низоъ накунед. Бо вуҷуди сар задани баъзе камбудиҳо сабру таҳаммулро пеша намоед ё худро нодида вонамуд кунед. Нафарони муҷаррад бахти худро аз миёни ҳамкорон ё ҳамкасбон пайдо месозанд.

Барои дарёфти Ҷоизаи адабии ба номи Садриддин Айнӣ

ҚУДРАТИ СУХАН АЗ АРШ АСТ

Ё нигариши вежаи се академик ба китоби “Чароғи ҳидоят”-и Сипеҳр Абуабдуллоҳи Ҳасанзод



Дар ҳошияи қиссаву ҳикояҳои нависандаи шинохта Сипеҳр Абуабдуллоҳи Ҳасанзод мунаққидон, адабиётшиносон ва суханварон дар матбуоти давр андешаронӣ кардаанд. Мо низ китоби тозанашри ӯро зери унвони “Чароғи ҳидоят” мутолиа намудем. Ҷолибияти мавзуъ, масъалагузорӣ, назари хоси қаҳрамонони асар ва фасоҳату салосати забони нависанда диққатрабост. Маҷмуаи мазкурро матбааи “Балоғат” ба нашр расонидааст, ки аз як қисса ва ёздаҳ ҳикоя иборат мебошад.

Қиссаи “Чароғи ҳидоят” азобу хитоби овони наврасӣ, савод азбар кардани қаҳрамон, рӯзгори рустоиён дар солҳои ҷанг алайҳи Олмони фашистӣ ва фаъолияти густардаи маорифчии матинирода Самад Фаттоевро дар моварои пуртаҳаввули таърих фарогир аст. Нависанда ба ин васила дар қалбамон чароғ афрӯхта, ба маърифатандӯзӣ ҳидоят мекунад. Муносибати роҳбари мактаб-интернат ба кӯдакон ва ятимон дар қисса табиӣ баромадааст. Чун мебинад, ки дар интернат (парваришгоҳ) ҷойи хоб намерасад, бачаи бепарасторро ба хонаи худаш мебарад ва қатори ҷигарбандонаш мехӯронаду мепӯшонад, ба камол мерасонад. Ҳамин тавр, Ворис яке аз чеҳраҳои тобнок дар ҷодаи илмҳои дақиқ мегардад.

Нависанда дар таълифи ҳикоя низ ҷиддӣ ҳома меронад. Ӯ бо ҷилавгирӣ аз падидаҳои номатлуби ҷомеа, назари хешро мегӯяд. Ин нукта дар ҳикояҳои “Ба дидори офтоб зор”, “Тӯй барпо нашуд”, “Санги сабук”, “Бачаи шайтон” ва “Узри кабк” бармало ба мушоҳида мерасад.

Ҳунари нигорандагии адибро Носирҷон Салимӣ, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Замира Ӯлмасова, доктори илми филологӣ, профессор, перомуни китоби мавриди назар ин зайл баҳо додаанд: “Забон, саликаи баён, ҳунари тасвиргарӣ ва ботиннигорӣ дар шинохти инсон ва муҳити зиндагии ӯ ҷанбаҳои бадеии асарҳои Сипеҳри Ҳасанзодро тақвият бахшида, онҳоро дилнишин ва ибратомӯз гардонидааст. Аз қиссаи «Чароғи ҳидоят» ҳам зарби қалами як нависандаи ҳунарманду таҷрибаандӯхта, таҷрибаи зиндагӣ ва таҷрибаи адабӣ бармало ба чашм мерасад.

Нависанда аз як ҷузъиёти хурд, аз як падидаи ҷолиби зиндагӣ, аз як рафтори наҷиби одамӣ маъниҳои омӯзанда мекашад ва онро дар қолаби ҳикоятҳои тасвирӣ ва ахлоқиву тарбиявӣ баён менамояд. Дар ин қабил ҳикояҳо назари таҳлилӣ, мушоҳида ва нерӯю қудрати инсоншиносии Сипеҳри Ҳасанзод ба ҳайси нависандаи равонков ба ҷилва меояд”.

Аз ин дидгоҳ М. С. Имомзода, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Ш. Исрофилниё, доктори илми филологӣ, профессор, бо зикри навҷӯиҳои нависанда изҳор доштаанд: “Мавзуъ ва муҳтавои қисса ва ҳикоёти Ҳасанзод тасвири зисту зиндагонии мардуми деҳот, арҷ гузоштани онҳо ба суннатҳои миллӣ, риояи оини ҷавонмардӣ ва амсоли инҳо мебошанд. Симои марди деҳот бо тамоми ҳастиаш, яъне бо ҳамон ғуруру ҳиммати ҷавонмардӣ, мардонагӣ, дур будан аз ҳама гуна фиребу найранг ва дар айни замон соддагиву зудбовариаш таҷассум ёфтааст.

Масъалаи ахлоқ дар навиштаҳои Ҳасанзод умдатарин ба назар мерасад. Нависанда дар қисса ва ҳикоёташ василаи образҳо инсони оддии деҳотро дар меҳвари тасвир мегузорад. Забони асарҳои нависанда саршор аз калимоти ноби тоҷикианд, ки мутаассифона, имрӯз аз истифодаи аҳли қалам берун монда, дар шеваи гуфтугӯйии мардум маҳфуз мондаанд.

Дар ҳикоятҳои Сипеҳри Ҳасанзод қаҳрамону персонажҳо синну соли гуногун доранд, нависанда гоҳе аз забони мӯйсафедон, амалу рафтори калонсолон ва гоҳе ба воситаи фаъолияти кӯдакон моҳияти масъаларо барои хонанда бозгӯӣ мекунад”.

Ҳамзамононии муосир фазилатҳои созандагиву барозандагӣ дошта, амали шоистаро бар суди ҷомеа анҷом медиҳанд. Қаҳрамони қиссаи “Чароғи ҳидоят” устод Самад Фаттоев дар шумули фарзандони содиқи Меҳан қарор дошту бо корномаи ибратоинаш дар дили ҳазорон машъалафрӯзони маърифат маъво гирифт. Вай хисоли ҳамидаро аз муҳити хонавода омӯхта, риояи онро умре ба шогирдон талқин кардааст.

Бе ҳеҷ шаку тардид, мактаби Самад Фаттоев барои маорифчиёни мамлакат омӯзанда мебошад. Чароғи афрӯхтаи вай роҳи толибилмонро мунаввар гардонида, ононро ба фатҳи комёбиҳои тоза роҳнамо гардидааст. Бале, инсони ободгар метавонад ҷавҳари фитриашро дар ҳолатҳои лозим намоён созад. Ба нерӯяш, ки бовар дорад, бо дилпурӣ қадам мениҳад, гӯшаеро сабзу хуррам мегардонад, нақши нек ба ёдгор мегузорад. Ва мардум ҳам ба пайкараш холисона баҳо гузошта, номашро ба ҷовидон зинда медоранд.

Аламхон Кӯчарзода, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор бурди нависанда Сипеҳр Абуабдуллоҳи Ҳасанзодро дар он мебинад, ки қаҳрамони марказии асарашро аз миёни ҳамдиёрони мо ҷуста, фазилати роҳбарӣ ва ободгарияшро самимӣ кушодааст. Зеро ки донишманди фозил дар шумули шогирдони устоди зиндаёд Самад Фаттоев қарор дошта, таълимгоҳи номбурдаро бо нишони тилло хатм кардааст. Вай таълифи китоби “Чароғи ҳидоят”-ро падидаи тозаи фарҳангӣ, гулчини ҳикоёти Ҳасанзодро хондaниву шуниданӣ шуморида, бо ишора ба ин нукта менигорад: “Ҳикояҳо бо биниш ва нигариши тоза, масъалагузориву тарзи баёни муъҷаз ва тасвирҳои зебо яке аз дигаре бехтару пухта баромадааст. Нависанда аз қолиби ин жанри адабӣ хуб огаҳӣ дошта, афкорашро хеле сара ва боназокат ба хонандаи хушманд мерасонад. Аён мегардад, ки адиб ҷодаи сангини қаламкаширо саҳл напиндошта, бурдбурона пеш меравад, ба ҳарфу ҳиҷояш ҷиддӣ муносибат менамояд. Ҳамин аст, ки ҳикоёташ маъниву тобиши тоза касб намуда, маъмулӣ нестанд ва миёни ҳаводорони сухани воло ҷойгоҳи хоса пайдо кардаанд”.

Дар робита ба таълифи тозаи Сипеҳр олими нуктасанҷ Аламхон Кӯчарзода сари ин хулоса мерасад: “Чунин тарзи масъалагузорӣ ва ифодаҳои тобноку ҷаззобро дар нигоштаҳои дигар адибони муосир кам ба мушоҳида мегирем. Забони бофасоҳати ноби тоҷикӣ каломи муаллифро ширадор гардонидааст. Ҳамзамон, дар тарбияи ахлоқиву маънавӣ, боло бурдани савияи донишандӯзии толибилмон (китоби “Чароғи ҳидоят” дар назар аст,- М. С., Б. А.) мусоидат карда, ба доираи васеи хонандагони хушзавқ писанд меояд”.

Қиссаву ҳикояҳои китоб хотирмону зебо хатм меёбанд. Билхоса, шоҳбайти ҳаккокишуда дар санги мазори қаҳрамони қисса ба сарнавишти рангинаш созгор афтода:

Аз санги рӯзгор сари пурғурури мо,
Сад бор хунчакон шуду як бор
хам нашуд.

Ба қавли муаллиф “Чароғи ҳидояти устод ба раҳи меросбарони илму маърифат ба ҷовидон дурахшон бод!”.

Дар зимни баҳои асили донишмандони муҳтарам мо низ умедворем, ки мақмӯаи мазкур барои дарёфти Ҷоизаи адабии ба номи Садриддин Айнӣ сазовор аст ва аз ҷониби ҳакамони сахтгир дастгирӣ меёбад.

Мирзо СОЛЕҲ,
доктори илми филологӣ,
профессор,
Баҳриддини АЛАВӢ,
номзади илми филологӣ

Мавлудномa

• 22 ИЮН •

Сайфиддин Абдуллоев (1908-1983), 115-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Фаридун Неъматзода (1958), 65-солагии зодрӯзи рассом.

Иля Петрушевский (1898-1977), 125-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

• 23 ИЮН •

Рашид Олимов (1953), 70-солагии зодрӯзи доктори илми сиёсӣ.

Адолат Саидова (1928), 95-солагии зодрӯзи коргар, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

• 24 ИЮН •

Муаззама Иброҳимова (1953), 70-солагии зодрӯзи сароянда, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Қаҳҳор Икромов (1923), 100-солагии зодрӯзи ронанда, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

• 25 ИЮН •

Раҳматулло Абдуллоев (1958), 65-солагии зодрӯзи муаррих.

Абдураҳмон Маҳмадов (1958), 65-солагии зодрӯзи доктори илми сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ.

Шафоати Назар (1953), 70-солагии зодрӯзи шоир.

Инъом Норматов (1958), 65-солагии зодрӯзи доктори илми химия, профессор, узви вобастаи АМИТ.

• 26 ИЮН •

Бахтиёр Аҳмадов (1933), 90-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ.

Идигули Маҳмуд (1958), 65-солагии зодрӯзи коргардони радио, журналист.

Саломуддин Исуфов (Юсуфӣ) (1968), 55-солагии зодрӯзи доктори илми дорусозӣ, профессор.

• 27 ИЮН •

Маҳмудҷон Ғаниев (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

Ҳошим Назаров (1913-1986), 110-солагии зодрӯзи чорводор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

• 28 ИЮН •

Муҳаммадӣ Икромов (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

Саид Қосимов (1948), 75-солагии зодрӯзи наттоқи радио.

Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

МЕФУРӮШАМ

► ҲАВЛӢ

► Ҳавлии фурӯшӣ барои оилаи калон, 10 дар хона, 5 сот. замин, бо тамоми шароит ва ҷиҳоз, дарову зиндагӣ кун ё бо 2 ё 3-ҳуҷрагӣ ва иловапулӣ ба ман иваз мекунам. Тел.: 927-70-23-38

ОМӮЗИШ

► Дарсҳои иловагӣ барои хонандагони аз синфи 1 то 4. Тел.: 987-53-45-75

САЛОМАТӢ

► Холу озаххоро бе ҷарроҳӣ нест мекунем. Тел.: 904-61-43-34

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0202225 ба номи Нилуфари Астонақул, соли хатм 2015, ки аз ҷониби МТМУ №12-и н. Мир Саид Алии Ҳамадонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Исмоилов Раҳмонали Ҳакимович, №0408135, РЯМ: 0430288018, РМА: 125636918, санаи судур 09.07.2019, ки аз тарафи Нозироти андоз дар н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0106349, рақами қайд №1058 ба номи Зикиряева Нигора Адҳамҷоновна, ки соли 2011 аз ҷониби Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Аюбов Муҳаммадҷон Хайруллоевич, РЯМ: 0331378475, РМА: 125419532, ки санаи 02.04.2018 аз ҷониби Нозироти андоз дар н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ва шиносномаи техникӣ №5885 аз 20.08.1982 ба номи Злобина Евдокия Петровна, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, шаҳраки Навобод, к. Гагарин 1, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатномаи таваллуд ба номи Акрамзода Мунис Мунавваршо, ки соли 2022 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси ҶДММ "Хонаободон", РЯМ: 7310000455, РМА: 730001620, ки аз тарафи Нозироти андоз дар н. Дарвоз дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дастгоҳи ҳисоббаробаркунӣ (кассовый аппарат) ОКА ПФ 00028147, РМА: 035085299, ба номи Каюмова Назира Арзиевна, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба моликият ба нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ таҳти феҳристи №5ХН-35 аз 28-уми марти соли 2019, ба номи Мизроби Файзулло, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Дӯстии халққо б/р, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ ва шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ №0189689, №21266 аз 30.12.2019, ба номи Мизроби Файзулло, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Дӯстии халққо 31, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти 8Д-176, ки аз 17.01.1997 дар Идораи нотариалии давлатии н. Фрунзеи ш. Душанбе ба номи Зоирова Қумригул Қодировна бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Правда, хонаи 13, квартираи 55 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳрасти 2М171, кори меросии рақами 144, ки аз 14.09.2010 дар Саридораи нотариалии давлати ҶТ ба номи Абдуллоев Сайдали бо суроғаи ш. Душанбе, гузаргоҳи якуми кӯчаи Глиника, хонаи 29 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи квартира таҳти феҳрасти 8Ш-1398, ки аз 05.05.2016 дар Идораи нотариалии давлатии н. Синои ш. Душанбе ба номи Файзуллоева Салтонат бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Ғафуров, хонаи 33/1, квартираи 44 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ҳуқуқи моликият таҳти феҳрасти 5ҲМ-35, ки санаи 28.03.2019 аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Мизроби Файзулло нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи Д. Халққо ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи қисми хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 1Ш-491, ки санаи 20.04.2018 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. И. Сомонии ш. Душанбе ба номи Воҳидзода Фируз Раҷабали бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Телман, хонаи 42/2-9 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи квартира таҳти феҳрасти 8Ш-5328, ки санаи 28.09.2007 аз тарафи Идораи нотариалии н. Синои ш. Душанбе ба номи Раҳимова Матлюбахон Тошмуродовна бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Испечак, М-6, хонаи 2, квартираи 15 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти 1Ш-126, ки санаи 15.01.2019 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. Рӯдакӣ ба номи Ҳалимов Амрдин Амирович бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати Сарикиштӣ, деҳаи Навбаҳор 2, блок 4/1, квартираи 99 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шудан беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Абдумуротова Озода Исматиллоевна, РЯМ: 0730181834, РМА: 076372095, ки санаи 01.09.2018 дар Нозироти андоз дар ш. Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ Чалолов Абдулило Абдукасимович, РЯМ: 0730118162, РМА: 075121427, ки аз 09.07.2015 дар Нозироти андоз дар ш. Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Нурова Гулчехра, РЯМ: 0730192879, РМА: 075353576, ки аз 08.08.2019 дар Нозироти андоз дар ш. Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Юлдошев Илхом Кенчаевич, РЯМ: 0730133608, РМА: 076040125, ки аз 26.05.2016 дар Нозироти андоз дар ш. Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши корхонаи истеҳсоли қум ва сангреза таҳти феҳрасти 3ДШ-315, ки аз 02.10.2015 дар Идораи нотариалии давлатии н. Рӯдакӣ ба номи Саидова Моҳсафар Субҳонқуловна корхонаи истеҳсоли қум ва сангрезаро воқеъ дар н. Рӯдакӣ, Чоргултеппа, деҳаи Оби-Шифо ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №0092305 ба номи Абдуллозода Беҳруз, санаи хатм 26.06.2016, ки аз ҷониби Литсейи касбии техникии сохтмонии ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи ҳадяи кварира таҳти феҳрасти 1Ш-22, ки санаи 19.01.2017 дар Идораи нотариалии давлати шаҳри Ваҳдат ба номи Исмоилова Сабоҳат Абдураҳимовна бо суроғаи ш. Ваҳдат, кӯчаи Рӯдакӣ, хонаи 31, квартираи 7 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХУРАД

► ҶДММ "Сомон Сифат", №0281688, РЯМ: 0410035579, РМА: 040057520, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо муддати 2 моҳ қабул карда мешаванд.

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

- **Laboratory Associate (Job ID: 11049/NPSA-6); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 30 June 2023 NY time (or 1 July 2023, 08:59 AM TJK time)**
- **Policy and Legal Officer (Job ID: 11220/NPSA-8); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 26 June 2023 NY time (or 27 June 2023, 08:59 AM TJK time)**

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

ҶУДО

ШИРКАТИ 7 ПАҲЛАВОНИ ТОҶИК ДАР ULAANBAATAR GRAND SLAM 2023



Дастаи мунтахаби ҷудои Тоҷикистон дар мусобиқаи навбатии World Judo Tour - Ulaanbaatar Grand Slam 2023 дар ҳайати 7 нафар ширкат мекунад.

Ин мусобиқа аз 23 то 25-уми июн бо иштироки ҳудуди 400 варзишгари беш аз 45 кишвар баргузор мешавад. Тоҷикистонро дар ин мусобиқа 7 варзишгар миёни мардҳо намояндагӣ мекунанд. Инҳо дар вазни -60 кг Муҳаммадсолеҳ Қувватов ва Мехрзод Суфиев, - 66кг Обид Ҷебов, -73 кг Бехрӯз Хоҷазода, -81 кг Сомон Маҳмадбеков, -90 кг Комроншоҳ Устопириён, +100 кг Мансур Раҳмон ҳастанд.

Фонди умумии ҷоизаҳо 154 000 евроро ташкил медиҳад. Ғолибон дар ҳамаи 14 вазн 5 000 евро, барандагони медали нуқра 3000 евро ва медали биринҷӣ 1 500 евро ҷоиза мегиранд. Ҳамчунин, аз Ulaanbaatar Grand Slam 2023 сар карда, дар радабандии олимпӣ холшумории саддарсадӣ шуруъ мешавад. То ин вақт 50 дарсади имтиёзҳои варзишгарон ҳисоб карда мешуд.

ФУТБОЛ

НОКОМИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҶОМИ МИЛЛАТҲОИ CAFA 2023

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон таҳти роҳбарии Петр Сегрт баромади худро дар Ҷоми миллатҳои Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ бо шикаст ва нокомии пурра анҷом дод.

Даста дар ду бозии аввал бо дастаҳои мунтахаби Туркманистон ва Умон (ҳарду бозӣ 1:1) мусовӣ кард.

Барои ҷойи сеюми мусобиқаи «CAFA Nations Cup-2023» дастаи Тоҷикистон бояд дар даври ниҳоии марҳилаи гурӯҳӣ дар гурӯҳи «А» бар тими Ӯзбекистон пирӯз мешуд. Дар қисми якуми вохӯрӣ натиҷа 1:0 бар нафъи Тоҷикистон буд. Нимҳимоятгар Парвизҷон Умарбоев дар дақиқаи 13-ум бо зарбаи зебои ҷаримавӣ ҳисобро боз кард. Дар нимаи дуюм футболбозони тоҷик ба дарвозаашон панҷ голи бечавоб сар доданд. Дар натиҷа дастаи Ӯзбекистон бо ҳисоби 5:1 ғалаба ба даст оварда. Дар бозии дигар тими Уммон бар дастаи Туркманистон - 2:0 пирӯз шуд. Ба ин тартиб, дар гурӯҳи «А» мунтахаби Ӯзбекистон нуҳ имтиёз ба даст оварда, мақоми аввалро касб кард. Ҷойи дуюм насиби тими Уммон (4 хол) гардид. Дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо ду имтиёз дар ҷои сеюм қарор гирифт. Тими миллии Туркманистон зинаи охиринро ишғол кард (1 хол).



ҶОМИ ОСИЁ



ШИКАСТИ НАВРАСОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ АРАБИСТОНИ САУДӢ

Дар доираи бозиҳои даври дуюми марҳилаи гурӯҳии Ҷоми Осиё (U-17) дастаи мунтахаби то 17-солаи Тоҷикистон бо дастаи наврасони Арабистони Саудӣ бозӣ кард.

Дастаи мунтахаби наврасони Тоҷикистон (U-17), ки шомили гурӯҳи «С» аст, бозии якуми худро дар Ҷоми Осиё бо ҳамсолони худ аз Чин бо ҳисоби мусовии 1 бар 1 анҷом дода буд. Бозӣ бо Арабистони Саудӣ дар варзишгоҳи «Чонбури» баргузор шуд ва бо ҳисоби 2:0 бар нафъи дастаи мунтахаби Арабистони Саудӣ анҷом ёфт.

Арабистони Саудӣ дар бозии аввал бо ҳисоби 2:0 бар Австралия зафар ёфт ва ҳоло бо 6 имтиёз дар ҷойи аввал аст. Дар бозии дигари гурӯҳ Чин бо ҳисоби 3:5 аз Австралия мағлуб шуд.

Дар даври охир футболбозони тоҷик бо Австралия бозӣ мекунанд. Сарнавишти роҳ ёфтани наврасони Тоҷикистон ба даври плей-офф маҳз дар ҳамин бозӣ ҳаллу фасл хоҳад шуд. Арабистони Саудӣ пеш аз муҳлат аз гурӯҳи мазкур ба даври плей-офф баромад.

ФУТЗАЛ

ЯК ТИЛЛО ВА ЯК НУҚРАИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК АЗ QAZAQSTAN BARYSY GRAND SLAM 2023

Дар рӯзи охири баргузории мусобиқаи ҷудои Qazaqstan Barysy Grand Slam 2023 дар Остона варзишгарони Тоҷикистон ду медал ба даст оварданд ва дар байни намояндагони 42 кишвар панҷум шуданд.



Паҳлвонони маъруфи тоҷик Сомон Маҳмадбеков дар вазни -81 кг ба гирифтани медали тилло мушарраф шуд. Сомон, ки дар даври аввал озод буд, дар даври дуюм бар варзишгари бетараф Ҳасан Холмирзоев, дар чорякфинал бар варзишгари Озарбойҷон Зелим Тскаев, дар нимфинал бар намояндаи Гурҷистон Дмитрий Гошилидзе ғолиб омадаву дар финал варзишгари Бразил Гуилҳерме Шмидтро мағлуб намуда, аввалин медали тиллоро аз мусобиқаҳои Гранд Слам ба гардан овехт. Сомон қаблан дар Гранд Сламҳо ду медали биринҷӣ дошт.

Паҳлавони маъруфи кишвар Темур Раҳимов ба гирифтани медали нуқра мушарраф шуд. Ин навбат низ мисли Гран Прии Душанбе Темур дар финал аз Тамерлан Башаев шикаст хӯрд.

Темур Раҳимов дар вазни +100 кг рақобатро аз даври дуюм шуруъ карда, бар варзишгари фаронсавӣ Ҷозеф Тереч, дар чорякфинал бар варзишгари бетараф Валерий Ендовитский, дар нимфинал бар намояндаи Гурҷистон Саба Инанеишвилӣ пирӯз шуд, вале дар финал аз варзишгари дигари бетараф Тамерлан Башаев мағлуб гардида, медали дуюми нуқра ва ҳафтум медалро аз мусобиқаҳои Гранд Слам ба даст овард. Темур қаблан дар Гранд Сламҳо як медали тилло, як медали нуқра ва чор медали биринҷӣ дошт.

Дар Гранд Слами Қазоқистон 334 варзишгар (190 мард, 144 зан) аз 42 кишвари ҷаҳон ширкат карданд.

РЕЗААХБОР

Дастаи мунтахаби олимпии Тоҷикистон (U-23) таҳти роҳбарии Мубин Эргашев дар бозии дӯстонаи дуюм бар тими Ҳонгконг пирӯз шуд. Вохӯрӣ 19-уми июн дар варзишгоҳи «ТАЛКО-Арена»-и шаҳри Турсунзода баргузор шуда, бо ҳисоби 2:1 ба анҷом ёфт. Бозии дӯстонаи якум миёни дастаҳои мунтахаби Тоҷикистон ва Ҳонконг мусовӣ - 1:1 анҷом ёфта буд.

***

Дар Тошканд мусобиқаи Ҷоми миллатҳои Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ ба анҷом расид. Дастаи Эрон ғолиби ин мусобиқот гардид. Дар бозии нихоӣ Эрон бар Ӯзбекистон пирӯз шуд - 1:0. Муаллифи голи ягона Сардор Озмун гардид. Барои ҷойи сеюми мусобиқаи «CAFA Nations Cup-2023» дастаи мунтахаби Уммон бар Қирғизистон бо ҳисоби 1:0 ғалаба карда, медалҳои биринҷӣ ба даст оварда.

***

Аз 15 то 18-уми июн дар шаҳри Фанг-Нгаи Тайланд дар Чемпионати қаиқронии Осиё марафон байни калонсолон, ҷавонон ва наврасон баргузор гардид, ки дар он варзишгарони Тоҷикистон ду медал ба даст оварданд. Шаҳриёр Даминов байни калонсолон дар намуди каноэ якнафара ҷойи дуюм дар масофаи 10000 метр ва Рачабов Муҳаммадӣ байни наврасон дар намуди каноэ якнафара дар масофаи 10000 метр ҷойи аввалро сазовор гаштаанд.

***



Баъд аз нокомии дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дар Чемпионати CAFA овозаҳое пайдо шуданд, ки мутахассиси хорватӣ Петр Сегрт аз вазифаи сармураббии ин даста истеъфо додааст ва ФФТ номзадии Игор Черевченко, Виталий Левченко ва боз чанд мутахассиси маҳаллиро баррасӣ мекунад, аммо сухангӯи Федератсия ин ҳамаро рад кард ва гуфт, ки Сегрт то ҳол сармураббии даста аст.

Ангишт

Марде ба утоқи духтур медарояд. Духтур дарҳол:

- Либосатонро кашед!

- Барои чӣ?,- ҳайрон мешавад мард.

- Ман духтур ҳастам, хубтар медонам,- мегӯяд духтур.

Мард либосашро мекашад.

Духтур мепурсад:

- Шуморо чӣ ташвиш медиҳад?

Мард мегӯяд:

- Ман ангишт овардам, онро дар кучо холӣ кунам?

Таппонча

Ҷавоне ба идораи пулис ба кор медарояд. Ним сол мегузарад, вале маошро суроғ намекунад.

Рӯзе роҳбар ӯро даъват карда, мепурсад:

- Ту барои чӣ маошатро намегирӣ?

Ҷавон ҳайрон шуда, мегӯяд:

- Ман фикр кардам, ки бо ҳамон таппончаи додагиятон бояд зиндагиро пеш барам...



Мактуби аскар

Аскар ба завҷааш мактуб менависад:

- Ба ман 230 сомонӣ пул лозим аст, барои сигор ва ғайраҳо.

Занаш дар ҷавоб менависад:

- Ба ту 30 сомонӣ барои сигор мефиристаму ва ғайраҳо дар хона бепул туро интизор аст.

Гурбаи дупо

Зани зебое ба мағозаи ҳайвонот даромада, ба фурӯшанда мегӯяд:

- Ба наздикӣ шавҳарам вафот кард, ман дар як хонаи калон танҳо мондаам. Ба ман ягон гурбача диҳед.

Фурӯшанда дар ҷавоб:

- Мияв, мияв...

-

Тақсимот

Марде аз занаш чудо мешавад. Раиси суд аз онҳо мепурсад:

- Шумо дар хонаатон чӣ доред?

Шавҳар дар ҷавоб:

- Курсӣ-мурсӣ, диван-пиван, ҷевон-певон, фарзанд-парзанд.

Судя мегӯяд:

- Курсӣ ба занат, мурсӣ ба ту, диван ба занат, пиван ба ту, ҷевон ба занат, певон ба ту, фарзанд ба занат, парзанд ба ту мемонад.

Меҳнат

Марде ба рафиқаш мегӯяд:

- Пули калонро фақат бо роҳи дуздӣ ба даст овардан мумкин аст.

Рафиқаш дар ҷавоб:

- Магар бо меҳнати ҳалол намешавад?

Мард:

- Бо меҳнати ҳалол танҳо “геморрой” мешавад.

Хоҳиш

Дар тарабхона пешхизмат ба назди мизоҷи навбатӣ меояд:

- Шумо чӣ хӯрдан мехоҳед?

Мизоҷ:

- Ҳамон чизеро, ки ҳо ана он марди дар назди тиреза нишастагӣ истеъмол дорад!

Пешхизмат:

- Ин номумкин аст, ӯ хӯрокашро ба шумо намедиҳад...

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА

Сканворд





Разбори ҳайвонот

Шаб дарсҳои тайёркардаи писарчаамро тафтиш кардам. Вақте навбат ба дарси адабиёт расид, нахуст аз мавзуъ пурсон шудам.

Гуфт:

- Мазмун ва мундариҷаи идеявии «Баҳориёт»-и Сайидои Насафӣ.

Гуфтам:

- Канӣ накл кун. Дар "Баҳориёт" дар чӣ бора сухан меравад?

Гуфт:

- Дар "Баҳориёт" ҳайвонҳо разбор доранд, дада.

Намака халташа резӣ ҳам, бефоида

Чанд нафарро ҷамъ карда, ба буридани сафедорҳои калони атрофи хона шуруъ кардам, то ин ки шамол онҳоро ба болои хона наафтонад. Нисфирӯзӣ хӯрок кашиданду даври дастархон ҷамъ омадем. Ҳама хеле хаста шуда буданд ва ман, ки то имрӯз кори вазнин накарда будам, аз ҳама бештар хастагиро эҳсос мекардам. Чун ба хӯрдани таом шуруъ кардем, маълум шуд, ки ош каме шӯр омадааст. Ин вақт Бахтиёри писари тағоям, ки ҷавони хеле шӯх аст, ба янгааш муроҷиат карда, пурсид:

- Янга, ба фикрам акоямро сахт ёд кардаед-а?

Ӯ ҳам бо шӯхӣ гуфт:

- Чаро не?

Бахтиёр хандида, гуфт:

- Аммо акоям чунон хаста шудаанд, ки ба фикрам агар халтаи намакро ба дег резед ҳам, бефоида.

Ҳомилаи якумра

Бо марди азимҷуссае саргарми суҳбат будем. Ин вақт бонуи ҳомилае ба мо салом дода, баъд аз ҳолпурсӣ ба роҳаш идома доданӣ буд, ки рафиқам бо шӯхӣ гуфт:

- Роҳгардӣ азоб будагист? Хуб нест, ки дар хона шинед?

Зан ба шиками рафиқи ман ишора карда, хандиду гуфт:

- Дилатон ба ҳоли ман не, ба ҳоли худатон сӯзад. Мо бо чунин шикам ҳамагӣ 9 моҳ мегардем, войи шумо мардҳо, ки маҷбуред бо чунин шикам як умр гардед.

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА